АЗ ВАЗЪИ МУҲОҶИР ТО ГУМОНБАРОНИ “КРОКУС” с. 11
МЕДАЛИ ТИЛЛОИ ПИСАРИ ҶОНИБЕК МУРОДОВ ДАР ИМА с. 15
БОЗДОШТИ МУҲОҶИРИ ТОҶИК ДАР АМРИКО с. 4



# ТОҶИКИСТОН

№5 (1619), 29.01.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992

# САЛОМИ МАН БЕ ПАДРУД АСТ

Таҷлили 60-солагии Фарзона дар Теҳрон






## ДАР ИН ШУМОРА:

**ФИРЕБ БАРОИ ИҶОРАХОНА**
Аз ҳодисаи воқеӣ то истифодаи симкортҳои беном с.2

**ХОНАИ БЕХОСИЯТ**
Боздошти зани тоҷик дар Русия бо гумони қаллобӣ с.9

**ПЕШНИҲОД**
Консерте, ки бояд дар Душанбе баргузор шавад с.6

**САБЗАГУЛ ҚУРБОНОВА:**
Нахоҳам иллати миллат с.10

**ҲУКМИ АБАД...**
Эълони ҳукми гумонбарони ҳамла ба раиси ҲХДТ дар Кӯлоб с.11

**ВАРЗИШ**
Мавқеи Тоҷикистон дар рейтинги FIDE с.15

**КАНЗИ ШИФО**
Ду роҳи пешгирӣ аз зуком с.10

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,**
президенти АМИТ

**Шералӣ КАБИР,**
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

**Носирҷон САЛИМӢ,**
академик

**Рафаэл НЕКТАЛОВ,**
сармуҳаррири рӯзномаи "The Bukharian Times"

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

**Шариф РАҲИМЗОДА,**
доктори илми иқтисодӣ, профессор

**Урватулло ТОИРОВ,**
доктори илми филология, профессор

**Тамара МОСКАЛЁВА,**
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

**Гулсифат ШАҲИДӢ,**
нависанда

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Фирдавс САТТОРОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад.*
*Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад.*
*Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШӮЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

# ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ

## аз Душанбе то Хатлону Бадахшон

**29-уми январ дар мақомоти шаҳру ноҳияҳои Душанбе, вилоятҳои Хатлону Бадахшон ва дигар сохторҳо тағйироти кадрӣ сурат гирифт.**

Бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- **Гуреззода Умед**, раиси ноҳияи Синои шаҳри Душанбе;
- **Сафарзода Дилшод Ғанӣ,** раиси ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе;
- **Вализода Икромиддин,** раиси ноҳияи Ёвон;
- **Холзода Маҳмадшариф,** раиси ноҳияи Кӯшониён;
- **Амирзода Маҳмуд,** раиси ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- **Шукурзода Исфандиёр,** муовини якуми Раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- **Муминзод Камолиддин Рамазон**, муовини якуми Раиси Кумитаи рушди маҳалли назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар мувофиқа бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- **Шарифӣ Бахтиёр**, муовини якуми Раиси шаҳри Душанбе;
- **Афзалшо Муслима Аскаршо,** муовини Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон.

Мутобиқи банди 8, моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бозхонд намудани Тағозода Абдуқаҳҳор Саидмурод аз вазифаи судяи Суди Олӣ, аз вазифаи судяи Суди Олии иқтисодӣ бозхонд намудани Қосимзода Сулаймон Оймаҳмад бо сабаби ба кори дигар гузаштан, дар бораи муовини раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Тағозода Абдуқаҳҳор Саидмурод, муовини раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Қосимзода Сулаймон Оймаҳмад, ба вазифаҳои судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Саидзода Марзия Файзалӣ, Бобохонзода Асомуддин, Шукурзода Назрулло Тағойбобо, Амонзода Намози Шариф, Шерзода Ҷурабек Сангинмурод, Қурбониён Сафаралӣ Алихон, Назарзода Даврон Қуввват, Давлатзода Исмоил Раҳим ва ба вазифаҳои судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Баротзода Зумрад Махрамиён, Саидзода Зулфия Саид пешниҳодҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.



*Шарифӣ Бахтиёр Маҳмудзода, муовини аввали Раиси шаҳри Душанбе*

# ПЕШНИҲОДИ НАВБАТИИ ТОҶИКИСТОН БА ЮНЕСКО

**Тоҷикистон нардбозӣ, ахтаршиносӣ, афсонаҳои «Ҳазору як шаб» ва тоҷиро ба феҳристи ЮНЕСКО ворид мекунад.**

Дар ин бора Матлубахон Сатториён, вазири фарҳанги Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ хабар дод.

Ба гуфтаи вазир, ин пешниҳод дар комиссияи миллӣ оид ба корҳои ЮНЕСКО дар ҳоли баррасӣ аст.

Нардбозӣ ҳамчун бозии миллӣ дар якҷоягӣ бо Ҷумҳурии исломии Эрон ба Феҳристи мероси фарҳанги ғайримоддии ЮНЕСКО пешниҳод шудааст.

Зикр гардид, ки соли 2024 ҷашни "Меҳргон" ҳамчун номинаи Тоҷикистон ва номинаи дигари якҷояи Тоҷикистон, Афғонистон, Эрон ва Ӯзбекистон "Санъати сохту навохтани рубоб" ба Феҳристи мероси ғайримоддии ЮНЕСКО ворид гардиданд.

# НИЗОМИ БЕ РАВОДИД МИЁНИ ТОҶИКИСТОНУ ЭРОН

**Дар асоси қарори Девони вазирони Эрон, аз 3-юми феврали соли 2024 байни Эрон ва Тоҷикистон барои парвозҳои Теҳрон - Душанбе - Теҳрон низоми бидуни раводид ҷорӣ мешавад.**

Дар ҳоли ҳозир, ин имтиёз танҳо ба мусофироне дахл дорад, ки аз ин хатсайрҳои ҳавоӣ истифода мебаранд. Дар оянда эҳтимол аст, ки доираи он васеътар гардад.

Ин тасмим дар доираи талошҳо барои таҳкими ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, илмӣ ва фарҳангӣ миёни ду кишвар амалӣ мешавад.

Ҳамчунин, кишварҳои узви Созмони Ҳамкориҳои Шанхай масъалаи либерализатсияи низоми раводидро баррасӣ доранд, ки метавонад ба густариши муносибатҳо дар минтақа мусоидат намояд.

# САРИ САБЗ



**Умар ТЕМУР,**
**овозхони соҳибуслуб**

**- Дар сароидани наът овозхон бояд нахуст ба умқи маънии ғазали месароидааш ворид шавад. Дар саҳна ҷиддӣ бошад ва талош кунад ба ҳар шунаванда маънии сурудро расонад. Чунин таронаҳо ҳузн доранд ва бояд бо навозиши оҳангу асбоби мусиқӣ тавъам бошанд.**

*- Чиҳо мегӯед, устоди азиз?! О, одамон хурсандӣ, рақсу бозӣ кардан меҳоҳанд. Таронаҳое, ки ҳузн доранд, магар садди роҳи хушҳолии мардуму пешрафти эстрада намегарданд?*



**Меҳринисо БОБОБЕКОВА,**
**шоири тоҷик**

**- Ман барои унвон шеър нанавиштаам. Ман барои худ шеър менависам ва хушбахтам, ки ин шеърҳо мухотаб доранд... Шеър чунин хусусият дорад, ки бухлу кинаро аз қалбҳо дур карда, меҳру муҳаббат ва рафоқатро ҷойгузини он мегардонад.**

*- Рост, агар барои худатон ҳам ки шеър нависед, хоҳу ноҳоҳ онро бисёриҳо мехонанд. Аммо як чиз нофаҳмост, ки шеър бухлу кинаро аз қалбҳои ҳама дур мекарда бошад? Масалан аз қалби шоирон...*



**СОРБОН,**
**Нависандаи халқии Тоҷикистон**

**- Ман баринҳо метавонанд нанависанд. Зеро сухани ногуфта намонда. Аммо бо касоне рӯ ба рӯ мешавем, ки корҳое мекунанд, ки шайтон аз уҳдаи чунону чунин намебарояд... Дигар ин ки ман хома ба даст нагирифтаам, хома ба дастам додаанд.**

*- Аҷиб, кӣ хома ба дастатон додааст? Касе бошад, шояд ба он хотир, ки барои ислоҳи ҳамон касони рӯ ба рӯ мешуда қаламфарсоӣ кунед... Пас, сухани ногуфта мондагӣ будааст ку!*



# ФИРЕБ БАРОИ ИҶОРАХОНА

## Аз ҳодисаи воқеӣ то истифодаи симкортҳои бешахсият

**Дар шабакаҳои иҷтимоӣ, махсусан дар Somon.tj қаллобон пайдо шудаанд, ки мардумро бо пешниҳоди хонаи иҷора фиреб медиҳанд. Бо ин амал пули муфту бе дарди миён кор мекунанд. Яке аз хешовандони ман ба дасти чунин қаллобон афтод. Панҷ ҳазору ҳаштсад сомониашро гирифта, телефонро хомӯш карда ва нопадид шуданд.**

### ДАР ДОМИ ҚАЛЛОБ

Ҳодиса чунин рух дод. Хеши ман 2 ҳафта барои пайдо кардани хонаи иҷора сарсон буд. Ба эълонҳои дар интернет гузошта занг мезад. Хонаи иҷора аз даст рафта буд ё нархи осмонӣ дошт. Хонаи 2-ҳуҷрадори бо андак шароити зист 4-5 ҳазор сомонӣ, хонаи 2-ҳуҷрадори бидуни шароит 2,5-3 ҳазор сомонӣ буд. Як рӯз ба эълоне рӯ ба рӯ мешавад, ки хонаи 2-ҳуҷрагии дорои тамоми шароит 3 ҳазор сомонӣ аст. Аксҳои дар эълон гузоштаашударо аз назар мегузаронад ва хонаро маъқул карда, ба рақами телефон занг мезанад. Телефонро ҷавоне мебардорад. Баъди сухбат ҷавон розӣ мешавад, ки хонаи иҷораро ба хотири он ки арӯсу домод мешинанд, боз арзон мекунад. Яъне, 2400 сомонӣ. Хешованди ман аз ин амали "хайрхоҳона"-и иҷорадеҳ хурсанд шуда, ӯро ба воҳӯрӣ даъват мекунад, то хона аз даст наравад. Шабонгаҳ дар маҳаллаи 91-уми пойтахт, назди мағозаи "Диёр" ҳамроҳ вомехӯранд. Ин ҷавон баъди гуфтугӯ маблағи думоҳаи иҷораро аз хешованди ман талаб мекунад. Баъдан, хешованди ман мепурсад, ки рақами корташро гӯяд, то пули иҷораро гузаронад. Ин ҷавон баҳона пеш меорад, ки корт надорад ва танҳо пулро нақд мегирад. Сипас, пулро аз банкомати наздики хонаи истиқоматӣ мегираду ба ӯ медиҳад. Ин ҷавон калидро медиҳаду суроғаи хонаи иҷораро мегӯяд: кӯчаи Неъмат Қарабоев, бинои супермаркети "Ёвар", ошёнаи 6, хонаи 43.

Хешованди ман хурсанд шуда, соати тақрибан 10-и шаб ҳамроҳи келинаш ба ин суроға меоянд. Ворид бино шуда, калидро ба қулфи дар ворид мекунанд. Ҳарчанд кӯшиш мекунанд, ки дарро кушоянд, намешавад. Аз дохил соҳибхона дарро мекушояд. Ҳайрон мешаваду мепурсад:

- Тинҷӣ аст? Шояд хато кардед?

- Не, мо иҷорагир ҳастем. Ба соҳиби ин хона ҳозир пули иҷора супоридам.

- Не, мо соҳибхона ҳастем. Ба касе иҷора намедиҳем. Шояд шумо хато кардед, ба даромадгоҳи дигар равед.

Хешованди ман хонаи дигарро кӯшиши кушодан мекунад. Боз ба ҳолати боло рӯ ба рӯ мешавад.

Ба рақами телефони соҳиби хонаи иҷора **999-33-81-67** занг мезанад. Аммо телефон хомӯш аст. Аз дил мегузаронад, ки шояд заряди телефон тамом шуда бошаду хоб аст. Ба хона бармегардад. Саҳар чанд маротибаи дигар занг мезанад, ки боз телефон хомӯш аст. Умедвор мешавад, ки шояд худаш занг мезанад. Аммо аз ин ҳодиса чанд рӯз мегузарад, дараке нест. Баъд мефаҳмад, ки ба дасти қаллоб афтодааст... Ба мақомоти милитсияи ноҳияи Сино ариза навишт, вале то ҳол посухи мусбат нест.

Шояд мисли ин хешованди ман чандин нафар ба доми қаллобон афтода бошанд.

### БОЗДОШТИ ГУРӮҲИ МУТАШАККИЛ

Дар ҳамин ҳол, чанде қабл Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе аз боздошти як гурӯҳи калони қаллобон хабар дод, ки дар Somon.tj эълонҳо бардурӯғ гузошта, мардумро фиреб додаву маблағ гирифтаанд. Ҳолати мазкурро кормандони ШВКД-2 дар ноҳияи Сино ошкор карданд.

Ба иттилои Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе, истиқоматкунандагони шаҳри Душанбе Ҳусайнов Фирдавс, Каримов Наврӯз, Ризвонзода Фирдавс, Каримов Далер боздошт шуданд. Инҳо ҳама ҷавононанд ва бо нашри эълонҳои бардурӯғи хонаи иҷора мардумро фиреб дода, пули муфт ба даст меоварданд. Ин гурӯҳро Ризвонзода Фирдавс роҳбарӣ доштааст. Ҳар кадоме амалҳои махсусро анҷом медодаанд. Яке расонандаи калиди хона, дигаре ронанда. Ин гурӯҳи қаллобон симкорту телефони зиёд доштаанд.

"Зимни санҷиш аз ин гурӯҳ як адад таппончаи зараррасон ва симкорту телефонҳои мобилӣ ҳамчун предметҳои ба ҷиноят алоқаманд дарёфт ва мусодира гардиданд. Дар идомаи амалиёти ошкор шуд, ки дастгиршудагон барои аз ҷавобгарӣ пинҳон шудан аз симкортҳои бешахсият истифода менамудаанд. Дар натиҷаи амалиёти махсус барои бе ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда фурӯхтани симкорт шаҳрвандон Салимов Нозим ва Эмомалиев Ҳакимҷон, Ҳайдаров Саид ва Алиев Кошиф, кормандони ширкати мобилии "Зетмобайл" дастгир шуданд. Номбурдагон ба ин гурӯҳи ҷиноятӣ симкортҳоро бе ҳуҷҷати тасдиққунанда ба фурӯш гузоштаанд. Гумонбарон дар ҳабси пешакӣ қарор доранд",- иттилоъ медиҳад манбаъ.

Дар робита ба ин, мақомоти милитсияи пойтахт ба шаҳрвандон муроҷиат кардааст, ки агар мавриди фиреби ин гурӯҳи ҷиноятпеша қарор гирифта бошанд, тавассути рақамҳои 018-02-02-02 ба Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе муроҷиат кунанд.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

## Аз нишастҳои матбуотӣ



**Соли гузашта 477 садамаи нақлиётӣ рух додааст, ки нисбат ба соли 2023-юм 183 ҳодиса зиёд мебошад. Дар ин ҳодисаҳо 541 нафар зарари ҷисмонӣ дидаанд. Ин маълумот дар нишасти матбуотии Вазорати нақлиёти Тоҷикистон садо дод.**

Вазири нақлиёт Азим Иброҳим дар мавриди сохтмони метро низ иттилоъ дод, ки ҳоло дар бораи оғози сохтмони он дар Душанбе сухан гуфтан ҳанӯз барвақт аст. Ба гуфтаи ӯ, айни замон танҳо масъалаи зарур будани сохтмони метро баррасӣ мешавад ва мушкилоти раванди таҳияи таҳлили пешакии техникию иқтисодӣ идома дорад.



**Сардори нави Хадамоти алоқаи Тоҷикистон Исфандиёри Саъдулло дар нишасти хабарӣ изҳор дошт, ки ниҳоди таҳти роҳбарии ӯ барои бознигарии нарх ва сифати алоқаи мобилӣ талош менамояд.**

Зимнан, ӯ таъкид кард, ки барои таъмини алоқаи мунтазам, бахусус дар рӯзҳои сарди зимистон ва боришот, бо ҶСК "Шабакаҳои тақсимоти барқ" созишнома ба имзо расидааст. Тибқи ин санад, ширкат пойгоҳҳои интернетрасонро бо неруи барқи доимӣ таъмин хоҳад кард.



**Парки техникии ширкатҳои ҳавопаймоии Тоҷикистон бо техникаи муосири ҳавопаймоӣ мукаммал гардонида мешаванд. Дар ин хусус директори Агентии авиатсияи гражданӣ назди Ҳукумати Тоҷикистон Ҳабибулло Назарзода иттилоъ дод.**

Аз ҷумла, Ширкати ҳавопаймоии «Сомон Эйр» тасмим гирифтааст, ки бо ширкати истеҳсолкунандаи ҳавопаймои «Боинг» барои харидорӣ намудани ду ҳавопаймои тамғаи «Боинг 737/MAX» шартнома ба имзо расонад. Таъкид гардид, ки ин ширкат дар семоҳаи аввали соли 2026 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, дар ин замина ҷуғрофияи парвозҳо боз ҳам фароҳ гардонида мешаванд.



## Лукашенко маротибаи 7-ум президент шуд

**Дар интихоботи президентии Беларус Александр Лукашенко бо ба даст овардани 86,8% раъйи интихобкунандагон ғолибият ба даст овард ва бори 7-ум президенти ин кишвар интихоб шуд.**

Рақибони Лукашенко Олег Гайдукевич - раҳбари Ҳизби либерал-демократ, Сергей Сиранков - котиби аввали Ҳизби коммунист, Александр Хижняк - раҳбари Ҳизби кор ва адолат, Анна Конопатская - вакили собиқи парлумон аз 3,6 фоиз камтар раъй гирифтанд.

Александр Лукашенкои 70-сола аз соли 1994 дар сари қудрат аст.

ТАСС

## Инқилоби чиниҳо дар зеҳни сунъӣ



**Зеҳни сунъии арзони Чин бузургҷуссаҳои технологии ғарбиро дар як рӯз 1 трлн доллар арзонтар кард. Сухан дар бораи зеҳни сунъии DeepSeek меравад, ки нисбат ба Chat GPT самараноктар ва арзонтар аст.**

Nvidia, як таъминкунандаи пешбари чипҳои зеҳни сунъӣ, дар тӯли чанд соат 12% арзиши худро аз даст дод. Рақибони Nvidia, аз қабили Marvell, Broadcom, Micron ва TSMC низ хисороти зиёде диданд. Ин таназзул инчунин ба ширкатҳои Oracle, Vertiv, Constellation, NuScale ва дигар марказҳои додаҳо таъсир расонд.

Deutsche Welle

## Аз нишастҳои матбуотӣ



**Носир Саид, раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Тоҷикистон чанд мушкили соҳаро ном бурд. Ӯ дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки наворбардор, садобардор, журналист дар телевизион намерасанд.**

Носир Саид изҳор дошт, ки дар телевизион “рӯйхати сиёҳ”-и овозхонҳо вуҷуд надорад. Ба гуфтаи ӯ, таронаҳои ҳар як ҳунарманд, ҳатто онҳое, ки дар хориҷ ҳастанд, метавонанд пахш шаванд. “Пахши таронаҳо аз онҳое вобаста аст, ки барномаҳоро омода мекунанд. Маҳз онҳо тасмим мегиранд, ки таронаҳои киро барои пахш интихоб намоянд”,- иброз дошт ӯ.



**Соли равон “Радиои Сафина” ба фаъолият шуруъ хоҳад кард. Дар ин бора зимни нишасти хабарӣ директори нави “ТВ Сафина” Садриддини Шамсиддин иттилоъ дод.**

“Барои фаъолияти “Радиои Сафина” тақрибан 70%-и корҳои зарурӣ алакай анҷом дода шудаанд. Имсол “ТВ Сафина” ҷашни 20-солагии худро таҷлил менамояд. Мо нақша дорем, ки то ин ҷашн пахши барномаҳои “Радиои Сафина”-ро низ оғоз намоем”,- гуфт зимни нишасти хабарӣ Садриддини Шамсиддин. Ҳамчунин зикр гардид, ки “ТВ Сафина” дар соли 2025 чандин лоиҳаҳои ҷадидро амалӣ карданист.



**Соли 2024 Саридораи геология омӯзиши геологии қаъри заминро аз рӯйи 29 лоиҳа дар объектҳои металлҳои сиёҳ, ранга, қиматбаҳо, нодир, сангҳои худҷило ва ороишӣ, гидрогеология, геологияи муҳандисӣ ва геоэкология гузаронид.**

Дар ин бора сардори Саридораи геологияи назди Ҳукумати Тоҷикистон Илҳомҷон Оймуҳаммадҷонзода иттилоъ дод. Дар натиҷаи гузаронидани корҳои ҷустуҷӯию арзёбӣ дар зуҳуроти сурбу руҳи Санги Сабз (дар ноҳияи Балҷувон) ба манбаъҳои дурнамои маъдани сурбу руҳ зиёда аз 1 миллион тонна ва манбаи дурнамои нуқра зиёда аз 3 тонна баҳо дода шуд.

### Ҷабборов дар бораи марз:

# БАЪЗЕ СОКИНОНРО МЕКӮЧОНЕМ!

**Мақомоти Қирғизистон ва Тоҷикистон ҳангоми нишонагузории сарҳад эҳтимол баъзе аз шаҳрвандони худро мекӯчонанд. Дар ин бора президенти Қирғизистон Содир Ҷабборов (Жапаров) дар мусоҳиба бо хабаргузории давлатии "Кабар" иттилоъ дод.**



Ҷабборов дар шарҳи созиши ҳосилшуда бо Тоҷикистон гуфтааст: "Мо деҳаҳои наздимарзие дорем, ки мисли тахтаи шоҳмот ҷойгир шудаанд ва хонаҳои мардум дар дохили ҳамдигар қарор доранд".

"Агар дар тарафи мо хонаҳое бошанд, ки ба шаҳрвандони Тоҷикистон тааллуқ доранд, пас, ҷониби Тоҷикистон сокинонро мекӯчонад. Агар хонаи шаҳрвандони мо дар тарафи онҳо бошад, мо онҳоро кӯч медиҳем. Ба онҳо дар ҷойи дигар хона месозем",- афзудааст Содир Ҷабборов (Жапаров).

Ба гуфтаи Президенти Қирғизистон, агар кӯчонидани сокинони минтақаҳои марзӣ анҷом нашавад, муҳофизати сарҳад мушкил хоҳад шуд.

"Мо тақрибан ҳазор километр хати марз дорем. Дар бисёре аз минтақаҳо қитъаҳои баҳсбарангез буданд. Дар баъзе ҳолат ин қитъаҳо баробар тақсим шуданд",- гуфт раисҷумҳури Қирғизистон.

Тоҷикистон ва Қирғизистон тақрибан ҳазор километр марз доранд. Пас аз танишҳои марзӣ дар солҳои 2021 ва 2022, мақомоти Тоҷикистону Қирғизистон моҳи декабри соли 2024 эълон карданд, ки хати марзро пурра дақиқ карданд.

### Пас аз фармони Трамп

# БОЗДОШТИ ҶАВОНИ ТОҶИК ДАР ИМА

**Пас аз фармони раисҷумҳури тозатаъини Америко Доналд Трамп дар мавриди рондани муҳоҷирони ғайриқонунӣ аз ин кишвар, расонаҳои америкоӣ аз боздошти як шаҳрванди Тоҷикистон бо гумони нақзи қонунҳои ИМА хабар додаанд.**




Нашрияи New York Post навиштааст, ки Қодир Маҷидов, шаҳрванди 22-солаи Тоҷикистон бо гумони дар хатар гузоштани ҷони дигарон ҳангоми ронандагии нодуруст ва фирор аз афсари пулис боздошт шудааст. Ба навиштаи ин нашрия, пештар Маҷидов дар шаҳри Филаделфия боздошт шуда буд ва бо шарти нақз накардани қонуну қоидаҳо ӯро аз боздошт раҳо карда будаанд.

Ин нашрия ҷузъиёти дигаре надодааст.

Расонаҳои Амрико бо такя ба мақомоти ин кишвар хабар додаанд, ки дар натиҷаи як тафтиш дар рӯзи 22-юми январ беш аз 300 муҳоҷири ғайриқонунӣ боздошт шудаанд. Ин муҳоҷирон дар содир кардани қонуншиканӣ ва ҷиноятҳои гуногун гумонбар дониста мешаванд.

Доналд Трамп, президенти ИМА дар маъракаи интихоботиаш ваъда дода буд, ки марзҳои Амрикоро ба рӯи муҳоҷирони ғайриқонунӣ мебандад ва онҳое, ки дар ин кишвар ҳастанд, ронда хоҳанд шуд.

Том Ҳоман дар ҳукумати Доналд Трамп масъули сиёсати муҳоҷират пешниҳод шудааст. Ӯ ваъда дод, ки садҳо ҳазор муҳоҷири ғайриқонуниро аз ИМА пеш хоҳад кард.

Мақомоти ИМА мегӯянд, ки дар ин кишвар беш аз 1,5 миллион муҳоҷири ғайриқонунӣ ҳузур доранд. Маъмурияти Доналд Трамп ваъда додааст, ки онҳо дар навбати аввал ихроҷ хоҳанд шуд. Феълан аз Тоҷикистон дар Амрико чӣ қадар муҳоҷирон кору зиндагӣ мекунанд ва теъдоди онҳое, ки ғайриқонунӣ дар ин кишвар будубош доранд, дақиқ нест.



# ШАРҲУ ТАВЗЕҲИ ПАЁМ «ДАР БОРАИ САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ ҶУМҲУРӢ» ДАР БОНКИ МИЛЛӢ

**29-уми январи соли 2025 дар Бонки миллии Тоҷикистон бо иштироки роҳбарият ва кормандони бонк, инчунин мудири шуъбаи тарғиби адабиёти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, шоир ва сиёсатшинос Абдуллоҳи Раҳнамо вобаста ба шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ҳамоиши васеъ доир гашт.**

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс Назримад чорабиниро оғоз намуда, изҳор дошт, ки дар Паёми навбатии Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи соҳаҳои ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии кишвар, аз ҷумла низоми бонкӣ дар соли 2024 натиҷагирӣ ва ҷиҳати фаъолияти минбаъда вазифагузорӣ карда шуд. Қайд карда шуд, ки соли сипаригардида барои Тоҷикистон соли нисбатан хуб буд ва дар ҳамаи соҳаҳо пешравиҳо ба назар расиданд. Аз ҷумла, ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ба беш аз 150 миллиард сомонӣ ва суръати рушди воқеии он ба 8,4 фоиз расонида шуд.

Зикр гардид, ки тайи солҳои охир Ҳукумати кишвар ба масъалаҳои пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, саноатикунонии босуръати кишвар, инчунин ташаккули «иқтисоди сабз», рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ва истифодаи васеи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд. Аз ҷумла, ба ташаккули маърифати молиявии шаҳрвандон диққат дода шуда, таъкид гардид, ки гузариш ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ барои устувории молиявии давлат ва рушди иқтисодӣ нақши муҳим дорад. Дар робита ба ин, Вазорати молия, Бонки миллӣ, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ якҷо бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор шуданд, ки истифодаи технологияҳои муосири рақамиро вусъат дода, то охири соли 2025 пардохтҳои ғайринақдиро дар соҳаҳои буҷетӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ пурра таъмин намоянд.

> **Дар робита ба пешниҳоди қарзҳо гуфта шуд, ки бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи афзояндаи иқтисоди миллӣ ва аҳолӣ дар панҷ соли охир аз ҷониби низоми бонкии кишвар беш аз 80 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст.**

Бо мақсади идома додани ин раванд, ба Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзӣ супориш дода шуд, ки ҳаҷми пешниҳоди қарз ба иқтисодиёт ҳамасола зиёд намуда, нишондиҳандаи мазкур то охири соли 2027 ба беш аз 100 миллиард сомонӣ расонида шавад.

Ҳамзамон ҷиҳати баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ, ҷалби бештари пасандозҳои шахсони воқеиву ҳуқуқӣ ва вусъат бахшидани фаъолияти низоми рақамии хизматрасониҳои бонкиву молиявӣ, инчунин таъсиси филиалҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ, зиёд кардани пешниҳоди қарзҳо бо фоизи нисбатан паст ва таъмини дастрасӣ ба хизматрасониҳои босифати бонкӣ, бахусус, дар ноҳияҳои дурдасти мамлакат чораҷӯӣ ва тадбирҳои мушаххас андешида шавад.

Пешвои миллат дар Паёми худ махсус таъкид намуданд, ки Тоҷикистон дар ҷодаи гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст ва дар панҷсолаи минбаъда ба ин масъала диққати авволиндараҷа дода мешавад. Бо ин мақсад, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, адлия, молия, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Бонки миллӣ, хадамотҳои алоқа, гумрук, Кумитаи андоз ва дигар вазорату идораҳо вазифадор шуданд, ки асосҳои ҳуқуқию ташкилӣ, танзими давлатӣ, маблағгузории инфрасохтори иқтисоди рақамӣ, инчунин, муносибатҳои иштирокчиёни соҳибкории рақамӣ ва савдои электрониро таъмин намоянд.

Дар маҷмуъ, Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастури раҳнамоест, ки моро ба фаъолияти пурсамар даъват мекунад ва иҷрои вазифаҳои гузоштashуда ба пешрафти кишвар дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла низоми бонкии мамлакат мусоидат менамояд,- изҳор дошт раиси Бонки миллии Тоҷикистон.

Дар идомаи ҷаласа сардори шуъбаи тарҷумаи дастгоҳи роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Султон Ҳасан Баротзода ва мудири шуъбаи тарғиби адабиёти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, шоир ва сиёсатшиноси шинохта Абдуллоҳи Раҳнамо оид ба нуктаҳои муҳими Паёми навбатии Пешвои муаззами миллат суханронӣ намуданд.

Дар қисмати ҷамъбастии ҷаласа раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода аз аҳли нишаст даъват намуд, ки ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои дар Паём ироашуда тамоми кӯшишу ғайрати худро равона созанд. Таъкид гардид, ки дар робита ба иҷрои нуктаҳои даххлдори Паём дар Бонки миллии Тоҷикистон нақшаи чорабиниҳо таҳия шудааст ва таъмини иҷрои он вазифаи муҳими ҳамаи кормандони низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад.

## Аз нишастҳои матбуотӣ



**Соли 2024 нақшаи қабули донишҷӯён дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 92% иҷро шудааст. Дар ин бора ректори донишгоҳ Эмомалӣ Насриддинзода зимни нишасти матбуотӣ хабар дод.**

«Дар чор даврае, ки ММТ эълон кард, нақшаи қабули мо 92% иҷро шуд. Ин дастоварди назаррас аст»,- гуфт Насриддинзода. Ректор гуфт, ки бо сабаби барвақт оғоз кардани маъракаи тарғибот нақшаи қабул таъмин гардид. Ҳоло дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон донишҷӯён аз рӯйи 134 ихтисос таҳсил мекунанд.



**“Донишҷӯёне, ки ба дастовардҳои хуб ноил мегарданд, агар шартномавӣ таҳсил кунанд, аз пардохти маблағи шартнома озод мешавад”,- гуфт зимни нишасти матбуотӣ ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ Давлатзода Қудрат.**

Ба гуфтаи ректор, агар донишҷӯёни соҳиби дастовард буҷавӣ таҳсил кунанд, бо маблағҳои пулӣ мукофотонида мешаванд. “Соли гузашта 70 фоизи хатмкунандагони донишгоҳ бо кор таъмин шуданд. Ин натиҷаи хуб аст. Устодоне, ки бо забонҳои хориҷӣ дарс медиҳанд, 30 фоиз аз дигар устодон маоши баланд мегиранд. Дар донишгоҳ 700 нафар хориҷиён таҳсил мекунанд, ки қисми зиёдашон аз Осиёи Марказӣ мебошанд”,- афзуд ректор.



**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ даҳ шаҳрвандии хориҷиро ба сифати омӯзгор, аз ҷумла аз кишварҳои ИМА, Эрон, Корея, Чин ҷалб намудааст.**

Ректори донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода иттилоъ дод, ки ҳоло 1642 нафар шаҳрвандони хориҷӣ дар донишгоҳ таҳсил мекунанд. Ибодуллозода афзуд, ки дар ин донишгоҳ аз кишвари Туркманистон 7 нафар, аз Ӯзбекистон 1594 нафар, аз Қазоқистон 4 нафар, аз Покистон 1 нафар, аз Афғонистон 13 нафар, аз Чин 22 нафар, аз Олмон 1 нафар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.



Ба таваҷҷуҳи вазири фарҳанги Тоҷикистон Матлубахон Сатториён

# КОНСЕРТЕ, КИ БОЯД ДАР ДУШАНБЕ САДО ДИҲАД!

**Консерте, ки бахшида ба бузургдошти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ соли гузашта дар қароргоҳи ЮНЕСКО дар Порис бо иштироки сарояндаи номвари тоҷик Нигина Амонқулова баргузор шуд, имрӯзҳо дар шабакаҳои интернетӣ ҳазорон тамошобин гирифтааст. Иштироки ҳунарманди тоҷик дар чунин консерти бошукуҳ ифтихори мо аст. Ҳамин аст, ки ҳатто Пешвои миллат дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он ишора карданд.**




Дар умум, таҷлили 817-умин солгарди бузургдошти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар қароргоҳи ЮНЕСКО - шаҳри Пориси Фаронса, иштироки олимону донишмандон дар он боиси ифтихори мо авлодони Мавлонои Балхӣ аст. Ва иштироки Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон ва Ҳунарпешаи халқии Ӯзбекистон Нигина Амонқулова ба мо алоқамандони осори Мавлоно ифтихори бузурге мебошад. Банда тариқи интернет ҳамарӯза пайгирӣ мекунам, ки ҷавонони мо ва тамоми ҷавонони форсизабон иҷрои зебои Нигина Амонқуловаро бознашр карда, ҳарфҳои ифтихорангез мезананд.

Нигина Амонқулова дар ин консерт чанд таронаро аз ашъори Мавлоно дар ҳамовозӣ бо Ваҳиди Тоҷ ва Соро Ноилӣ дар сатҳи баланд ва бо сабки ба худ хос иҷро кардааст. Аз ҳама муҳим ӯ вақти иҷро талош накардааст, ки лаҳни сурудани худро ба лаҳни ҳамхонҳояш наздик кунад, балки тоҷикона, бо шеваву садое месарояд, ки дар таронаҳои қаблияш мешунидему мешунавем.

Бовар кунед, имрӯзҳо дар Тоҷикистон нафаре нест, ки ин таронаҳои "Найнома", "Нишони ту", "Ошиқонаҳо" ва "Гули сурх"-ро надонад ва дӯст надорад.

Ин бори дигар собит сохт, ки ҷавонони мо завқшон паст нест, балки агар суруди олӣ, мусиқии олӣ ва иҷрои олӣ бошад, онро меписанданд. Ҳунармандонамон ҳам агар сурудҳои бомаънӣ эҷод кунанд, ба дилҳо роҳ меёбанд. Нигина Амонқулова инро собит кард.

Чаро банда ин ҳарфҳоеро, ки алакай ҳама медонанд, мегӯям? Меҳоҳам ба шумо, вазири муҳтарам, пешниҳоди муҳиме намоям. Пешниҳод мекунам, ки оҳангсоз ва дирижёр Ораши Фӯлодвандро ба Душанбе даъват кунед ва ҳамин консерти олиҷанобро бо оркестри худамон ва ҳунармандони тоҷик ба саҳна гузоред.

Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ зодаи Вахшонзамин аст. Албатта, мероси ӯ ба тамоми башарият тааллуқ дорад, вале мо ворисӣ ӯ ҳастем ва вазифадорем, ки ба ин номи баланд сазовор бошем. Агар ин пешниҳоди ман аз ҷониби шумо қабул шавад ва ин консерт дар Душанбе садо диҳад, бовар дорам, ки ҳам рӯҳи Мавлоно шод мешавад ва ҳам соҳиби бонангу ор ва арзандаи Мавлоно будани мо собит мегардад.

**М. СОЛИЕВ,**
**собиқадори мақомоти қудратӣ**

Нуктаи назар

# ИТТИЛОРАСОНӢ БОЯД МУНСИФОНА БОШАД

## Чаро баъзе ронандагон оид ба ҳолати роҳи Душанбе - Чанок дурӯғ мегӯянд?



Кормандони филиали Ширкати саҳомии "Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтихорманданд, ки вақтҳои охир теъдоди шахсоне, ки баъд аз сафар тариқи роҳи Душанбе - Чанок арзи сипоси хешро барои масъулиятшиносӣ мерасонанд, тамоюли афзоишро касб намудааст. Қаноатмандии шаҳрвандон асосан ба таъмиру таҷдиди роҳ, бетаъхир бартараф гардидани оқибатҳои офати табиӣ, аз ҷумла тармафароӣ, лағзиши кӯҳпора, сангфароӣ, фурӯравии роҳ, мунтазам коркард шудани роҳ бо маводи зиддилағзиш, бунёди инфрасохтори марбут ба нигоҳдории роҳ, расонидани кумак ба ронандагоне, ки дар роҳ дармондаанд ва ғайра рабт дорад. Дар баробари омилҳои зикршуда, мардум аз зебову назаррабо будани роҳ, ки ба шарофати хатҳои уфуқӣ имконпазир гардидааст, изҳори қаноатмандӣ мекунанд.

Ёдрас мешавем, ки бо мақсади муайян сохтани талаботи истифодабарандагони роҳ аз ҷониби филиали Ширкат дар ҳар хати ҳаракати назди плазаҳои толлингӣ қуттии махсус барои арзу пешниҳодҳо гузошта шуда, ҳар як истифодабарандаи роҳ метавонад пешниҳоду эродҳои худро дар онҳо гузорад. Илова бар ин, хати доимоамалкунандаи филиали Ширкат - 487011020 низ фаъол буда, мусофирону ронандагон метавонанд шабонарӯзӣ занг зада, дархост ва эроди худро манзур намоянд. Дар идомаи ин раванд тамоми кӯшиш бахри он равона шудааст, то тавассути пешниҳоди иттилои фаврӣ, нашри мақолаҳои таҳлилӣ, вокунишҳои бетаъхир, пахши гузоришҳои телевизионӣ, ҷойгирнамоии роликҳои таваҷҷуҳбарангез ва суратлавҳаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ оид ба фаъолияти филиали Ширкат ба шаҳрвандон маълумоти саҳеҳ пешниҳод гардад.

Қобили зикр аст, ки ҳоло дар шабакаҳои иҷтимоӣ нуфузу маҳбубияти IRS хоса буда, таваҷҷуҳи шаҳрвандон ба саҳифаҳои мансуб ба он рӯзафзун аст. Теъдоди пайравони (подписчикҳои) саҳифаи фейсбукӣ зиёда аз 24000 нафарро ташкил дода, ба ҳар як таълифот ҳазорҳо нафар таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд, ки нишондиҳандаи беҳтарин махсуб мешавад. Илова бар ин, чанде пеш Ютуб-канали филиали Ширкат таъсис дода шуда, дар шабакаи иҷтимоии "Инстаграм" низ саҳифаи филиали Ширкат фаъол гардид. Теъдоди пайравон дар Ютуб-канали филиали Ширкат низ тамоюли афзоишро касб намуда, дар он 233 навор оид ба фаъолияти ФШС қобили дарёфт аст. Қобили зикр аст, ки дар маҷмӯъ, шумораи тамошобинони канали мазкур миллионҳо нафар аст. Дар Инстаграм низ IRS бениҳоят муътабар буда, дар муддати кӯтоҳ шумораи подписчикҳо қариб ба 12000 нафар расид. Дар ин саҳифа низ 332 навору акс ва матн мондем, ки онҳоро миллионҳо нафар тамошо карданд. Натиҷаи чунин тарзи кор, бо назардошти зиёд будани таваҷҷуҳи мардум хеле хуб буда, барои огоҳии бештари мардум аз корҳои амалинамудаи филиали Ширкат мусоидат менамояд.

Мутаассифона, баъзе ронандагон бо истифода аз ин имконият ба маркази тамос оид ба ҳолати роҳ маълумоти беасос мерасонанд. Барои мисол иттилоъ медиҳанд, ки дар фалон минтақа тарма бартараф нашудааст, яхбандӣ зиёд аст, кӯҳпора лағжидааст, роҳ бо маводи зиддилағзиш коркард нашудааст, сангпораҳо ба ҳаракати воситаҳои нақлиёт монеа эҷод намудаанд ва ғайра. Чун масъулиятшиносӣ дар меҳвари фаъолияти роҳбарият ва кормандони IRS қарор дорад, табиист, ки доир ба дилхоҳ муроҷиат фаврӣ ҷораандешӣ мешавад. Вале воқеият надоштани маълумот боиси сарфи барабаси вақт ва ғайримақсаднок сафарбар шудани техникаву механизмҳо мегардад. Чунин "ҳамгироӣ" аз он шаҳодат медиҳад, ки гумроҳ намудани шаҳрвандон ҳадафи баъзе ронандагон аст. Нигаронкунанда он аст, ки аксар вақт чунин маълумоти беасос ба шабакаҳои иҷтимоӣ роҳ ёфта, ба таҳрифи фаъолияти филиали Ширкат боис мегардад.

Бо дарки масъулият метавон гуфт, ки ҳолати роҳи Душанбе - Чанок дар қиёс бо дигар роҳҳои кишвар хеле хуб аст. Зеро барои нигоҳдории роҳи Душанбе - Чанок 242 техникаи пуриктидор ва механизмҳо харидорӣ шудааст, ки амсолашон дар муассисаҳои нигоҳдории роҳҳои кишвар мавҷуд нест. Ба ғайр аз ин, дар минтақаҳои Варзоб, Зарафшон ва Суғд корхонаҳои истеҳсоли асфалт ва масолеҳи сохтмонии барои нигоҳдории роҳ зарурӣ бунёд гардида, барои тавсеаи таъмиру таҷдиди роҳ мусоидат намудааст. Маҳз ба шарофати IRS раванди нигоҳдории роҳи мавриди назар беҳбуд ёфта, бо таъсиси ҷойҳои кори доимӣ ба мутахассисони ватанӣ имконият фароҳам омад, ки дар кишвари худ баҳри рушду нумӯи он саҳмгузор бошанд.

Агар гӯем, ки 15 соли фаъолият марҳилаи санҷишу имтиҳонҳои ҷиддӣ, такомулу шаклгирии фаъолият, тавсеаи равобит, болоравии сатҳи маъруфият, пуркувват гардидани пойгоҳи техникӣ, саҳмгузорӣ дар ғановати Буҷети давлатӣ ва ғайра маҳсуб мешавад, муболиға наҳоҳад буд. Бинобар ин, аз ронандагон хоҳишмандем, то иттилорасонӣ мунсифона бошад, на муғризона.

# САЛОМИ МАН БЕ ПАДРУД АСТ

## Таҷлили 60-солагии устод Фарзона дар Теҳрон

**27-уми январи соли равон дар шаҳри Теҳрон, пойтахти Ҷумҳурии Исломии Эрон 60-умин солгарди зодрӯзи Шоири халқии Тоҷикистон Фарзонаи Хуҷандӣ бо шукӯҳи хоса таҷлил шуд. Ин ҷашнвора бо ташаббуси Сафорати Тоҷикистон дар Теҳрон ва Муассисаи фарҳангии “ЭКО” баргузор гардид.**



Дар ин маҳфил устод Фарзона бо ҳамсараш Шоири халқии Тоҷикистон Толиби Озарахш ҳузур доштанд. Аз Муассисаи фарҳангии “ЭКО” хабар медиҳанд, ки дар бузургдошти 60-умин солгарди мавлуди Фарзонаи Хуҷандӣ як зумра дипломатҳо, шоирон ва донишмандони тоҷику эронӣ суханронӣ намуда, аз ҷойгоҳи Фарзона дар шеъри муосири форсӣ ва осори ӯ дар ҳалқаи пайванди Эрону Тоҷикистон сухбат карданд.

Дар наворхое, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн шудааст, дида мешавад, ки дар маҳфили мазкур Сафири фавқулода ва мухтори Тоҷикистон дар Эрон Низомиддин Зоҳидӣ, раиси МФ “ЭКО” Саъд Хон, сафирони собиқи Эрон дар Тоҷикистон Алиашраф Муҷтаҳиди Шабистарӣ ва Алиасғари Шеърдӯст, адибон Шоҳмансури Шоҳмирзо, Алиризо Қазва, донишмандон профессор Абдунабӣ Сатторзода, Нурмуҳаммад Нурниё, Иброҳим Худоёр, Ҳомид Меҳрад, Суҳайло Юсуфӣ суханронӣ намудаанд. Ҳамчунин, Борон Некандеш, ровии “Шоҳнома” ашъори Фарзонаи Хуҷандиро қироат карда, ҳунармандони эронӣ барномаҳои мусиқӣ иҷро намудаанд.

**Шахмансури Шоҳмирзо**, яке аз дастандаркорони ин маҳфил ва гардонанда дар суханронии ифтитоҳии хеш шоирони маъруфи тоҷик Фарзонаву Озарахшро ба Теҳрон хайрамақдам гуфта, онҳоро ба ду рӯд монанд кардааст, ки “аз манбаъҳои зулол сарозер шудаанд ва дар миёни ҷамъ чун ду шамъи фурӯзон осмони маърифатро равшан месозанд”.

**Низомиддин Зоҳидӣ**, сафири Тоҷикистон дар Эрон дар суханронии хеш таҷлили мавлуди Фарзонаро дар Эрон василаи муҳими таҳкими равобити фарҳангии Тоҷикистону Эрон арзёбӣ намуда, дар мавриди ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти муосири тоҷик гуфтааст: “Ашъор ва корномаи адабии Фарзона гувоҳ бар он аст, ки дар шахси эшон имрӯз мо дар адабиёти тоҷик шоиреро дорем, ки рисолаташро дар сурудани шеъри асил, шеъри ҳомили паёмҳо ва башоратҳои инсонсоз ва миллатсоз, шеъри бозгӯкунандаи дардҳои ахлоқиву маънавии инсон ва ҷомеа ва шеъри ҳидояткунанда ба ислоҳу салоҳи иҷтимоӣ донистa ва дар иҷрои ин рисолат ба тавфиқ даст ёфтааст”.

**Саъд Хон**, раиси Муассисаи фарҳангии “ЭКО” дар суханронии худ шеъри Фарзонаро паёми муҳаббат ва дӯстии байни миллатҳо арзёбӣ карда, аз ҷумла қайд кардааст: “Бону Фарзона аз шумори хубони порсигӯ аст, ки ашъорашон дар тамоми ҳавзаҳои форсигӯ ва берун аз он бо ишқу эҳтиром қироат мегардад. Шеъри ӯ паёми муҳаббат дорад, ки қалбҳоро ба ҳам мепайвандад”.

Донишманди маъруфи тоҷик, узви Фарҳангистони забону адаби форсӣ, профессор **Абдунабӣ Сатторзода** дар суханронии маҷозии хеш аз маҳбубияти Фарзонаи Хуҷандӣ дар Эрон ёдовар шуд: “Чанд сол пеш ба камина насиб гардида буд, ки дар шеърхониҳои Фарзонабону дар Тӯс, дар пояи ҳайкали Фирдавсии бузург ва дар Нишопур, дар толори бузурге ба ифтихори Рӯзи ҷаҳонии Хайём ҳузур дошта бошам ва шоҳиди он бошам, ки чӣ тавр эрониён ба эшон ва шеърашон алоқамандии фавқулода доранд. Ва дар ин охирҳо дидам, ки иштироки эшон ва суханронии шоирона ва олимона ва шеърхониашонро дар маҳфили Ойини бузургдошти ҷаноби оқои Алиашраф Муҷтаҳиди Шабистарӣ, Сафири кабир ва беҳамтои Эрон дар Тоҷикистон донишмандон ва фарҳехтагони эронӣ бо чӣ шӯру шавқ истиқбол намуданд”.

Профессор Абдунабӣ Сатторзода дар суханрониаш гуфт, ки то кунун намунаи шеърҳои Фарзонаи Хуҷандӣ ба алифбои форсӣ дар Тоҷикистон ва хориҷ аз он дар 11 муҷаллади хурду бузург ба нашр расидаанд. Аз он ҷумла дар Эрон маҷмӯаи шеърҳои шоир бо унвони “Паёми ниёкон” (1375/1996), “Сӯзи нотамом” (1385/2005), “Набзи борон” (1391/2013) ва “Аз Балху Ҳинду Шероз” (1400/2022) ва дар Афғонистон бо номи “Худои муштарак” (2024) чоп шудаанд. “Аммо бамаврид аст бароятон бигӯям, ки алоқамандон ва дӯстдорони шеъри Фарзонабону дар Эрон ва Афғонистон зиёданд ва чашмбароҳи китобҳои тоза ба тоза ва комилтари эшон мебошанд”, - таъкид кард профессор Сатторзода.



**Алиасғари Шеърдӯст**, сафири собиқи Эрон дар Тоҷикистон шеъри Фарзонаро яке аз муъҷизаҳои адабиёти муосири форсӣ номида, Алиризо Қазва, раҳбари Маркази мусиқӣ, шеър, суруд, садо ва симои Эрон эҷодиёти Фарзонаро ҳамчун шеъри пурмуҳаббат тавсиф намудааст.

**Нурмухаммад Нурниё**, роҳбари маркази адабии “Дигар” дар Балх, **Иброҳим Худоёр** ва **Ҳомид Меҳрад**, устодони донишгоҳ низ дар суханрониҳояшон аз ҷойгоҳи Фарзона дар адабиёти муосири форсӣ сухбат карда, доир ба шеъри Фарзона андешаҳояшонро ироа намудаанд.

Ҳамчунин, дар ин чорабинӣ китоби “Ҳумоюннома” рӯнамоӣ гардид. Ин маҷмӯа фарогири шеъру мақола ва ёдномаҳоест, ки дар сӯги фарзанди шодравони Озарахшу Фарзона - Ҳумоюн таълиф шудаанд. Китоби мазкур соли гузашта дар шаҳри Хуҷанд нашр шуда буд. Он дар Теҳрон бо вероиши **Нуралӣ Нурзод** ва ба эҳтимоми **Суҳайло Юсуфӣ** дар нашриёти “Хирадгон” бознашр гардид.

Дар охири маҳфил Фарзонаи Хуҷандӣ ба дастандаркорони баргузории маҳфил арзи сипос намуда, ба ҳамаи ташкилкунандагон ва ширкатварзидагон изҳори сипос намуда, гуфт, ки “саломи ман ба унвони якояки шумо бе падруд аст” ва ин ғазали машҳурашро қироат кард:



*Аз номи ман ба номи*
*ҷавонӣ салом гӯ,*
*Бар он азизи сабзнишонӣ*
*салом гӯ.*
*Бар офтоби лаълваши*
*тоқи азрақӣ -*
*Бар шаҳнигини тоҷи*
*каёнӣ салом гӯ.*
*Борон чакиду боғу чаман*
*бӯсамаст шуд,*
*Бар хоки масти*
*бӯсаситонӣ салом гӯ.*
*Бар он ки санги бухлу ҳасад*
*мезанад ба мо,*
*Нав - нав бибар паёми*
*амонӣ, салом гӯ.*
*Ишқ аст аввали ману*
*ишқ аст охирам,*
*Бар аввалу ҳамешаву*
*сонӣ салом гӯ.*
*Мо меравему баъд ба*
*асри сиву чиҳил,*
*Аз номи мо, агар*
*битавонӣ, салом гӯ.*
*Аз номи ман ба нағзтарин*
*одами ҷаҳон -*
*Бар худ, аё ҳабиби*
*ниҳонӣ, салом гӯ.*





**О. СОҲИБЗОДА**

# ОБОДОНӢ ДАР ЛЕВАКАНТ ВУСЪАТ МЕЁБАД






**Дар шаҳри Леваканти вилояти Хатлон нақшаи корҳои ободонию бунёдкорӣ ва сохтмони иншооти ҷашнӣ бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 71 банд, бо арзиши 1 миллиарду 791 миллиону 264 ҳазор сомониро ташкил дода, алакай 49 иншоот сохта ба истифода дода шудаанд, ки 69 фоизи нақшаро дар бар мегирад.**

Дар ин бора раиси шаҳри Левакант Муминзода Мастура Табарӣ иттилоъ дода, афзуд, ки давоми соли 2024 мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр, коллективҳои меҳнатии ташкилоту муассисаҳои қаламрави шаҳр (новобаста аз шакли моликият), ҷамоатҳои шаҳраку деҳот бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси вилояти Хатлон ва раиси шаҳр, ҳамзамон баҳри вусъат бахшидан ба ободонӣ дар шаҳр корҳои муайяне ба анҷом расонидаанд.

## ИҶРОИШИ БУҶЕТ

Дар ин давра нақшаи даромадҳои буҷети шаҳри Левакант аз рӯи контингенти умумӣ бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ба андозаи 110 фоиз иҷро гардида, ба буҷет 102,5 миллион сомонӣ ворид карда шудааст, ки нисбати нақшаи пешбинишуда 9,4 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Нақшаи андози иҷтимоии буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ ба андозаи 104 фоиз таъмин гардида, ба буҷети Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 23,4 миллион сомонӣ, аз ҷумла андози иҷтимоии буҷетӣ 11,2 миллион сомонӣ, 113 фоиз ва андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 12,2 миллион сомонӣ, 96 фоизро ташкил дода, нисбати нақша дар умум 814,1 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Ҳиссаҷудокунӣ ба буҷети вилоят аз андозҳои танзимшаванда ба маблағи 16,6 миллион сомонӣ ба буҷети вилоят гузаронида шудааст, ки 100 фоизро ташкил медиҳад.

Дар соли 2024 иҷрои нақшаи қисми хароҷоти буҷети шаҳр 100 фоизро ташкил дода, ба сохторҳои буҷетӣ 67,7 миллион сомонӣ маблағ равона карда шудааст. Аз ҷумла, ба соҳаҳои маориф - 37,0 миллион сомонӣ (100 фоиз), тандурустӣ - 19,7 миллион сомонӣ (100 фоиз), суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ - 610,7 ҳазор сомонӣ (98 фоиз) ва фарҳанг - 1,8 миллион сомонӣ (100) фоиз маблағҳои буҷетӣ ҷудо гардидаанд.

Инчунин, аз ҳисоби иҷрои барзиёдии қисми даромади буҷети тасдиқшудаи шаҳр ба фонди муътадилгардонӣ ва иншооти муҳими давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1,7 миллион сомонӣ аз ҳисоби буҷети шаҳр равона карда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ қарзи музди меҳнат аз ҳисоби ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ вуҷуд надорад.







## РУШДИ САНОАТ ВА ТАЪМИРИ РОҲҲО

Корхонаҳои саноатии шаҳр дар соли 2024 ба маблағи 475 миллиону 179,6 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд, ки нисбати ҳамин давраи соли сипаригашта 39 миллиону 623,7 сомонӣ зиёд буда, 109,1 фоизро дар бар мегирад.

Дарозии роҳҳои шаҳр 111,7 километрро ташкил дода, аз он дорои аҳамияти байналмилалӣ 37,3 километр, аҳамияти ҷумҳуриявӣ - 20,9 километр ва аҳамияти маҳаллӣ 53,5 километрро дар бар гирифта, барои таъмири роҳҳо аз буҷети ҷумҳурӣ 228 ҳазору 912 сомонӣ ва аз буҷети маҳаллӣ 190,8 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, барои таъмири ҷорӣ 84 ҳазору 635 сомонӣ, таъмири роҳ - 80 ҳазору 369 сомонӣ, зимистонгузаронӣ - 41,3 ҳазор сомонӣ, таъмири қубур - 8 ҳазору 879 сомонӣ ва кабудизоркунӣ - 13,7 ҳазор сомонӣ хароҷот карда шудааст.

Аз тарафи соҳибкорони маҳаллӣ ва бо дастгирии аҳолӣ дар ин давра ба маблағи 1 миллиону 700 ҳазор сомонӣ бо дарозии 4 км роҳҳои маҳаллӣ мумфарш гардонида шудаанд. Инчунин, дар деҳаи Нурафшони ҷамоати деҳоти Ваҳдат 2,5 км роҳ ба маблағи 28 ҳазор сомонӣ сангфарш гардидааст.

## СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

Ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ сол то сол афзун гардида, ин рақам дар соли 2024 дар соҳаи чорводорӣ 122,1 миллион, растанипарварӣ - 171,0 миллион, дар маҷмуъ 292,9 миллион сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 27,3 миллион сомонӣ зиёд буда, 110,3 фоизро ташкил медиҳад.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ, дар соли 2024 хоҷагиҳои деҳқонӣ ва аҳолии шаҳр ҳамагӣ дар майдони 2533 гектар кишти зироатҳои тирамоҳӣ ва баҳорӣ гузаронидаанд. Дар заминҳои холишуда кишоварзони шаҳр дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидорӣ тибқи дурнамо дар майдони 858 гектар кишти такрорӣ гузаронидаанд.

Хоҷагидорони шаҳр дар давраи ҳисоботӣ мувофиқи дурнамо ба миқдори 558,0 тонна маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла 200 тонна сабзавот ва 358,0 тонна мевагиҳо ба хориҷи кишвар содирот намудаанд, ки 101,5 фоизи дурнаморо ташкил медиҳад.

Дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳраки Сарбанд ва деҳоти "Ваҳдат" аз 16 хоҷагиҳои моҳипарварӣ тибқи ҳисоботҳои оморӣ ба ҳолати 1-уми январи соли 2025 ҳамагӣ 47 тонна моҳӣ истеҳсол гардида, бо ҳамин давраи соли гузашта баробар буда, ин нишондод нисбат ба дурнамо 94,0 фоизро дар бар мегирад.

Дар ҳудуди хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҷамъиятии шаҳр 191,3 гектар

боғҳои мевадиҳанда мавҷуд буда, дар давраи ҳисоботӣ ба миқдори 547,8 тонна меваҷ ҷамъоварӣ гардидааст, ки 125,0 фоизи дурнаморо ташкил медиҳад.

### СОҲИБКОРӢ ВА САРМОЯГУЗОРӢ

Дар соли 2024 тибқи маълумотҳои Нозироти андоз дар шаҳр шумораи андозсупорандагон 714 нафарро ташкил дода, аз ин 229 нафар шахсони ҳуқуқӣ, 285 (78 нафар зан) нафар соҳибкорон тибқи патент, 83 (41 нафар зан) нафарон бо шаҳодатнома ва 117 адад хоҷагиҳои деҳқонӣ бе таксиси шахсони ҳуқуқӣ фаъолият менамоянд.

Дар шаҳр 11 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ шуда истодааст, ки маблағи татбиқшуда 132,3 миллион доллари амрикоиро дар бар мегирад.

### СОХТМОН, МЕЪМОРӢ ВА ШАҲРСОЗӢ

Дар соли 2024 ҳаҷми маблағгузории асосӣ 290 миллиону 549 ҳазор сомониро ташкил додааст.

Дар давраи ҳисоботӣ аз 15 ташкилоти сохтмонӣ 6 ташкилоти сохтмонӣ амал мекунад, ки ба маблағи 72 миллиону 82 ҳазор сомонӣ иҷроиши корҳои пудратӣ иҷро шуда, нисбати ҳамин давраи соли гузашта 59 миллиону 138 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Нақшаи корҳои ободонию бунёдкорӣ ва сохтмони иншооти ҷашнӣ бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 71 банд, бо арзиши 1 миллиарду 791 миллиону 264 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Айни ҳол аз иншооти зикргардида 23 адад иншоот бо арзиши 97 миллиону 107,6 ҳазор сомонӣ дар соли 2022, 12 иншоот бо арзиши 12 миллиону 152,5 ҳазор сомонӣ дар соли 2023, 16 иншоот бо арзиши 69 миллиону 604 ҳазор сомонӣ дар соли 2024, 12 иншоот бо арзиши 11 миллиону 500 ҳазор сомонӣ дар соли 2025 ва 8 иншоот бо арзиши 1 миллиарду 600 миллиону 900 ҳазор сомонӣ дар соли 2026 ба нақша гирифта шудааст.

Дар маҷмӯъ, дар шаҳр аз иншооти ҷашнӣ бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 49 иншоот сохта ба истифода дода шудааст, ки 69 фоизи нақшаро дар бар мегирад.

### СОҲАИ МАОРИФ

Дар 17 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии шаҳр 14755 нафар, аз ҷумла 7691 нафар писар ва 7064 нафар духтарон ба таҳсил фаро гирифта шуда, ба онҳо 843 омӯзгорон (637 нафарашон занон) таълим медиҳанд. Аз шумораи умумии омӯзгорон 600 нафар бо маълумоти олӣ, 164 нафар бо маълумоти миёнаи махсус ва 79 нафар бо маълумоти миёнаи умумӣ фаъолият менамоянд.

Дар шаҳр 4 муассисаи томактабӣ фаъолият намуда, аз ин як муассисаи хусусӣ мебошад. Дар муассисаҳо бо фарогирии 450 нафар кӯдакон, 24 нафар мураббиён дар 24 гурӯҳ ва дар 17 маркази инкишофи кӯдак 1800 нафар кӯдакон ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

### ТАНДУРУСТӢ

Дар соҳаи тандурустии шаҳр 646 нафар кормандон, аз ин шумора 71 нафар табиб, ҳамшираи тиб - 361 нафар, кормандони хурди тиббӣ - 155 нафар ва 59 нафар ғайритиббӣ фаъолият намуда истодаанд.

Беморхонаи марказӣ аз 6 шуъбаи бистарикунонӣ, 5 шуъбаи ёрирасон иборат буда, дар ин давра ҳамагӣ 69952 кат рӯзҳо ба нақша гирифта шудааст, ки дар асл 25845 кат рӯзҳо истифода шудааст.

Дар шаҳр як Муассисаи ғайридавлатии таълимии "Коллеҷи тиббӣ-иҷтимоӣ" фаъолият дошта, айни ҳол дар муассисаи мазкур 127 нафар кормандон фаъолият дошта, аз рӯи 6 ихтисос мутахассис омода менамоянд. Дар давраи ҳисоботӣ 1406 донишҷӯ ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд, ки 1018 нафар духтар ва 388 нафар писарон мебошанд.

### СОҲАИ ФАРҲАНГ

Дар шаҳр 1 қасри фарҳангӣ, 10 муассисаи фарҳангӣ, 1 клуби сайёр, 1 китобхонаи марказӣ, 1 китобхонаи бачагона, 2 китобхонаи деҳотӣ, 2 боғи фарҳангӣ-истироҳатӣ, 2 осорхона ва 1 мактаби санъати бачагона ба аҳолӣ хизмат расонида истодаанд.

Дар шаҳр 4 китобхона фаъолият менамоянд, ки дар онҳо 33510 нусха китоб маҳфуз аст.

Дар ин давра дар муассисаҳои фарҳангии шаҳр 28 чорабиниҳои оммавию фарҳангӣ ва сиёсӣ гузаронида шудаанд, ки дар онҳо зиёда аз 58180 нафар иштирок намудаанд.

### ҶАВОНОН ВА ВАРЗИШ

Шумораи ҷавонон дар шаҳр 22471 нафар, аз ин теъдод 11205 нафарашон ҷавондухтарон буда, дар давраи ҳисоботӣ 20 чорабиниҳои варзишиву фарҳангӣ, 40 мулоқоту вохӯриҳо гузаронида шудааст.

Теъдоди умумии толорҳои варзишӣ 10 адад, варзишгоҳ 1 адад, майдончаҳои варзишии хурд 36 адад, майдонҳои варзишии калон 3 адад, мактаби варзишӣ 1 ададро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ ҷавонони шаҳр дар 26 мусобиқаҳои варзишии вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, сазовори 207 медал, аз ҷумла, 101 медали тилло, 61 медали нуқра ва 45 медали биринҷӣ гардидаанд.

**Машраби АЛОВИДДИН**



# ХОНАИ БЕХОСИЯТ

## Зани тоҷик дар Русия бо гумони қаллобӣ дастгир шуд

**Дар шумораи гузаштаи "Тоҷикистон" мо дар бораи оилаи серфарзанди Рамазон Раҳимов ва Таҳмина Самадова навишта будем, ки ҳукумати ноҳияи Митиши ба онҳо калиди хонаи навро тақдим кард. Вале манзили нав ба ин оила, ки орому осуда зиндагӣ мекарданд, дарди сар овард ва билохира боиси дастгир шудани Таҳмина Самадова бо ҷурми қаллобӣ шуд.**

### ТАЪРИХЧАИ ИН ҚАЗИЯ

Ёдовар мешавем, ки рӯзи 13-уми январи соли равон Юлия Купетская, раиси ноҳияи Митиши дар саҳифааш дар "Телеграм" хабар дод, ки ба оилаи серфарзанди Таҳмина Самадова ва Рамазон Раҳимов шаҳодатнома барои гирифтани манзил дода шуд. Дар ин хабар гуфта мешуд, ки ин оила 7 кӯдак, аз ҷумла се духтару чаҳор писарро ба воя мерасонанд. Хона ба оилаи тоҷик дар доираи барномаи давлатии дастгирии оилаҳои серфарзанд дода шуд.

Гуфта мешавад, ки оилаи Таҳмина Самадова ва Рамазон Раҳимов 14 сол пеш ба Русия рафта, соҳиби шаҳрвандӣ шудаанд. Чор фарзанди онҳо дар Русия ба дунё омадаанд.

Пас аз нашри ин хабар корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ дар шарҳҳо ба ҳақорату таҳқири ин хонавода оғоз карданд ва норозигӣ баён намуданд. Вокуниши ҳукумати Митиши дар мавриди ҳуқуқ доштани ин хонавода ба манзили зист, дар амалиёти низомии Русия дар Украина ҷангидани ду нафар узви ин хонавода низ мавҷи эътирозҳоро поён накард. Ин қазия то ба Думаи давлатӣ рафт.

Баъдан, раиси Кумитаи тафтишоти Русия Александр Бастрикин низ ба ин баҳсҳо вокуниш нишон дод. Ӯ дастур дод, ки қазияи тақдими хона ба ин оилаи серфарзанди тоҷик дар шаҳри Митиши санҷида шавад. Бастрикин рӯзи 20-уми январ талаб кардааст, ки қонунӣ будани тартиби тақсими хона дар вилояти Маскав таҳқиқ шавад...

### БОЗДОШТИ ТАҲМИНА САМАДОВА

Дар натиҷа Кумитаи тафтишоти Русия ҳафтаи равон Таҳмина Самадоваро боздошт кард. Модари 7 фарзанд, ки чанд ҳафта пеш мақомоти шаҳри Митиши бо 24 миллион рубл кумакпулӣ барои харидани манзил қадрдонӣ карданд, рӯзи ҷумъа бо гумони "қаллобӣ" дастгир гардид.

Ин хабарро шоми 24-уми январ раёсати Кумитаи тафтишот дар вилояти Маскав нашр кард.

Дар изҳороти Кумитаи тафтишоти Русия омадааст, ки Самадоваро бо гумони қаллобӣ барои гирифтани кумакпулии калон (қ. 4, мод. 159.2 Кодекси ҷиноятии Русия) раёсати таҳқиқи парвандаҳои махсусан муҳими ин ниҳод дар вилояти Маскав дастгир кардааст.

"Тафтишот маълум кард, ки гумонбар қонунгузории ҷориро вайрон карда, ба маъмурияти шаҳри Митиши дар бораи даромади ҳамсараш маълумоти нодуруст пешкаш кардааст, чун махсус даромади ӯро чандин маротиба камтар нишон додааст. Инчунин ӯ дар бораи дар як хона зиндагӣ кардани 13 нафар маълумот пешкаш кардааст. Дар ин рӯйхат инчунин бародар ва ду фарзанди ноболиғи ӯ сабти ном шудаанд, дар ҳоле, ки онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд",- омадааст дар изҳороти матбуотии Кумитаи тафтишоти Митиши.

Дар идома гуфта шудааст, ки "фаъолиятҳои ғайриқонунии гумонбар сабаби он шуд, ки барояш ба хотири гирифтани пули кумак дар харидани хона ҳамчун дорандаи мақоми оилаи серфарзанд ва ниёзманд 24 миллион рубл дода шуд ва ин пул бояд барои харидан ё сохтани хонае дар каламрави вилояти Маскав масраф мешуд".

Дар идома Кумитаи тафтишоти Митиши хабар додааст, ки дар пайи кофтукоб дар хонаи Самадова гӯё "телефонҳои гарон бо нархи 140 ва 120 ҳазор рубл ошкор шуд, ки оилаи ниёзманд будани онҳоро зери суол мебарад". "Тафтиш даромади ҳамсари ӯ Рамазон Раҳимов ва ҳам қонунмандии қарори қабулкардаи маъмурияти шаҳри Митиширо мавриди санҷиш қарор хоҳад дод",- омадааст дар изҳороти матбуотӣ.

Назари худи Самадова ё ҳамсараш Рамазон Раҳимов, ки шаҳрванди Русия буда, се духтар ва чор писарро бузург мекунанд, ба ин боздошт маълум нест.

**Д. ҚОДИРПУР**

Сабзагул Қурбонова:

# НАХОҲАМ ИЛЛАТИ МИЛЛАТ



**Аз саҳнаи театр то пардаи синамо, аз нақшҳои хурд то симоҳои асосӣ... Ӯ ҳамеша тавонистааст бо иҷрои самимиву табиии худ мухлисонро мафтун намояд. Аммо паси шуҳрати ҳар як ҳунарманд заҳмати бузурге ниҳон аст, паси пардаи ҳунар зиндагии пуршебу фарозе ҳаст, ки муборизаи пайвастаро талаб мекунад. Рӯзгори Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Сабзагул Қурбонова ҳам истисно нест, вале мушкилоти зиндагӣ ӯро нашикаст, аз саҳна дур накард, балки ӯро устувор кард ва муҳаббаташро ба зиндагиву ҳунар амиқтар намуд.**

Ин ҳафта ба аёдати Сабзагул Қурбонова омадем. Ин ҳунарпешаи номошнои театру синамои тоҷик пас аз ҷароҳат бардоштани poяш як муддат аз саҳна дур шуда буд, вале мегӯяд боз ба саҳна баргаштааст.

“Вақте поям захмӣ шуду як муддат хонашин будам, хеле дилтанг шудам. Шукри Худо ҳоло хубам. Поям низ нағз шудааст. Чандест, ки ба театр меравам...”.

**- Айни замон ба саҳна мебароед?**

- Бале, агар намоишҳое, ки ман дар онҳо нақш мебозам, ба саҳна гузошта шаванд, ба саҳна мебароям. Ба ҳар ҳол, ҳафтае як-ду маротиба ба театр меравам. Дар театр се ҳунарпеша аз замони шӯравӣ мондаем. Меравем, ҷамъи мешавем ва аз хотираҳои ҷовонӣ ба ёд меорем. Замони ҷавонии мо кор дигаргуна буд. Муносибатамон ба кор ҷиддӣ буд. Вале имрӯза ҷавонон ба кор саҳлангорӣ мекунанд, ҳатто дар роликҳои блогерони кӯчагӣ ҳам нақш мебозанд...

**- Фарқи ҷавонони имрӯза аз ҷавонии шумо дар чист?**

- Муносибати мо ба кору зиндагӣ дигар буд. Ҳатто дохил шудан ба донишгоҳ мисли имрӯза сода набуд. Вақте ҳуҷҷатҳоямро ба шуъбаи актёрии факулати санъати Институти педагогии Душанбе, феълан Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ки баъдан дар заминаи он факултаи санъати Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати ба номи Мирзо Турсунзода таъсис ёфт, супоридам, имтиҳони аввал навиштани иншо буд. Ман дар мавзӯи баҳор як матни зӯр навиштам, кӣ ба устодон хело писанд омад.

Имтиҳони дуюми дохилшавӣ бошад, аз маҳорат буд. Маро гуфтанд, ки “фикр намо, кӣ дар пешат як дарёи калон аст ва он тарафи соҳил дугонаат истодааст. Ту бояд ӯро фарёд намоӣ”. Ман бошам, бо як садои баланд дод задам: “Зебиииий, о Зебиийӣ”. Баъд гуфтанд суруд хонда метавонӣ? Рақс чӣ? Ҳамин тавр маро аз ҳама ҷиҳат санҷиданд ва баъд қабул карданд. Аз сабаби он ки дар замони донишҷӯӣ хело фаъол будам, пас аз хатм маро ба Театри ҷавонон равон карданд.

**- Зиёда аз ним аср мешавад, ки шумо ҳамчун ҳунарпеша дар Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи Маҳмудҷон Воҳидов фаъолият мекунед. Оё боре фикри тағйири ҷойи кор дар зеҳнатон омад?**

- Беҳуда намегӯянд, ки ниҳол дар якҷо месабзад. Як замон буд, ки байни кормандони театр ҷудоӣ шуда буд. Ё зиёд одамон омаданду рафанд. Вале ман ҳамеша аз пайи кори худ будам ва ба ягон гурӯҳ ҳам ҳамроҳ нашудам. Фикри аз театр рафтанро ҳам накардаам. Аз касбам низ дилмонда нашудаам.

**- Аз миёни нақшҳое, ки бозӣ кардед, кадоме ба зиндагии шумо наздиктар буд?**

- Дар замони ҷанги шаҳрвандӣ ҳамсарам аз дунё гузашт. Ман бо шаш духтар танҳо мондам, ки калониаш донишҷӯ буд ва хурдиаш ҳанӯз панҷсола. Он замон доим корам гиря буд. Вале бо вуҷуди ин тарки саҳнаву театр накардам. Як рӯз дар хона нишаста будам, ки коргардон Абдулҳафиз Қодиров омаду гуфт: “Мешинӣ дар хона нишаста? Хез биё театр, ман як намоиши нав мегузорам”. Баъд ӯ маро барои иҷрои нақш дар намоишномаи “Нахоҳам иллати миллат” даъват кард. Ин намоиш ба зиндагии ҳамонвақтаи ман хело шабоҳат дошт: Шавҳарашро мекушанд ва бачаашро ба ҷанг мебаранд...

Боқӣ ҳамаи нақшҳоям барои ман азизанд, зеро онҳо бахше аз як давраи зиндагии ман ҳастанд.

**- Гуфтед бо шаш фарзанд танҳо мондед. Чӣ гуна онҳоро ба воя расонидед?**

- Бисёр душвор буд, вале ман тавонистам шаш духтарамро бузург карда, соҳиби маълумоти олӣ гардонам. Ҳоло ҳамаи онҳо соҳиби хонаву дар, ҷойи кор ва зиндагии обод ҳастанд. Сад шукр, имрӯз соҳиби 12 набера ва 2 абера ҳастам. 29 сол мешавад, ки шавҳарам ба раҳмати ҳақ пайвастаанд, вале то ҳол бо хешу таборашон алоқаамро накандаам. Ягон маъракаашон бе ман намегузарад. Имрӯз ба қавле давлати пирӣ меронаму аз зиндагии худ розӣ ҳастам.

**- Чанд рӯз баъд 73-сола мешавед. Ин санаи умратонро чӣ тавр пешвоз мегиред?**

- Ҳоло фикр накардаам. Се сол пеш 70-солагиамро дар театр бошукӯҳ таҷлил карда буданд. Агар умр вафо кунад, дар 75-солагиам низ маҳфили эҷодӣ ташкил мекунам. Имсол дар ҳалқаи фарзандону наберaҳо хоҳам буд.

**- Ташаккур, ман ҳам ҳатман меоям!**

- Шод мешавам...

**Суман УБАЙДУЛЛОЗОДА**






**ҲАФТАНОМАИ “ТОҶИКИСТОН” БАРОИ ДАРЁФТИ ҶОИЗАИ БА НОМИ МУРОДУЛЛОҲ ШЕРАЛИЗОДА ДАР СОЛИ 2025 ОЗМУНИ "ТОҶИКОНИ САРБАЛАНД"-РО ЭЪЛОН МЕКУНАД!**

**Ҳадафи озмун:** Расонаҳои ҷаҳонӣ солҳои охир бештар дар бораи амалҳои манфии тоҷикон, аз ҷумла ҷинояту терроризм хабар медиҳанд, ки ин ба обрӯ ва симои миллат таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин ҷост, ки мо набояд чеҳраҳои муваффақи тоҷиконро, ки имрӯз дар арсаи ҷаҳонӣ фаъолиятҳои назаррас доранд, фаромӯш кунем.

Озмуни **"Тоҷикони сарбаланд"** ҳадаф дорад, ки тоҷикони муваффақро дар соҳаҳои гуногун - илм, фарҳанг, варзиш, сиёсат, соҳибкорӣ ва дигар бахшҳо муаррифӣ намуда, барои ҷавонон намунаҳои ибрат нишон диҳад.

Озмуни **“Тоҷикони сарбаланд”** аз 1-уми январи соли 2025 оғоз шуда, то 25-уми декабри соли 2025 идома меёбад.

**Шарти иштирок:**

- Маводҳо бояд дар бораи тоҷиконе бошад, ки дар хориҷи кишвар муваффақ шудаанд.
- Маводҳо бояд ҳаёти шахсони номбурда, роҳҳои муваффақият ва саҳми онҳоро дар соҳаи фаъолияти худ ба таври фарогир инъикос намоянд.
- Ҳар як иштирокчӣ метавонад аз як то се мавод пешниҳод кунад.
- Маводҳо дар қолаби мақола, мусоҳиба, очерк ва лавҳа қабул карда мешаванд.
- Омодасозии як маҷмӯа аз маводҳои беҳтарин дар шакли китоб ва видео.

Ғолиби озмун бо мукофоти пулӣ ва **Ҷоизаи ба номи Муродуллоҳ Шерализода** қадрдонӣ мешавад.

**МАТОЛИБИ ОЗМУН ДАР ШАКЛИ КИТОБ НАШР ХОҲАНД ШУД.**

# АЗ ВАЗЪИ МУҲОҶИРОН ТО ГУМОНБАРОНИ “КРОКУС”



**Дар нишасти матбуотии Умед Бобозода, ваколатдори ҳуқуқи инсон ё Омбудсмени Тоҷикистон ду масъалаи муҳим матраҳ шуд, яке вазъи муҳоҷирони тоҷик дар Русия ва дигаре аҳволи гумонбарони ҳодисаи “Крокус”.**

### БАРОИ ВОХӮРӢ ИҶОЗАТ НАДОДАНД

Умед Бобозода, ваколатдори ҳуқуқи инсон ё Омбудсмени Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ, рӯзи 27-уми январ гуфт, ки мақомоти Русия иҷозат нadодаанд бо гумонбарони ҳамлаи террористӣ дар “Крокус Сити Ҳолл”-и Маскав вохӯрад. Ӯ ба рӯзноманигорон гуфт, ки соли гузашта ҳангоми сафари кориаш ба Маскав кӯшиш кард бо гумонбаршудаҳо дар боздоштгоҳ вохӯрад, вале барояш иҷозат надодаанд.

"Мо бо Омбудсмени Русия Татяна Москалкова суҳбати телефонӣ доштем, ки дар он ҷониби Тоҷикистон мавқеи худро дар бораи поймолшавии ҳуқуқи инсон дар доираи ин ҳодиса иброз кард. Дар ҷараёни ин ҳодиса айбдоршавандагон латукӯб ва шиканҷа шуда, дар телевизион нишон дода шуданд. Ҷониби Русия эътироф кард, ки чунин муносибат поймолкунии ҷиддии ҳуқуқи инсон буда, ин ҳолат бояд дар чаҳорчӯби қонун бодиққат барраcӣ шавад",- гуфт Бобозода.

Бояд гуфт, ки дар робита ба ҳамлаи террористӣ ба толори “Крокус” 4 шаҳрванди Тоҷикистон ҳамчун гумонбари асосӣ боздошт гардида, қариб як сол мешавад дар боздоштгоҳ қарор доранд.

### ВАЗЪИ МУҲОҶИРОН

Ҳамчунин, Умед Бобозода, ваколатдори ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон мегӯяд, ки дар робита ба нақзи ҳуқуқи муҳоҷирон дар Русия беш аз 10 маротиба ба ҳамтои руси худ Татяна Москалкова мактуб равон кардааст, вале ӯ танҳо ба номаи охирон посух гуфтааст.

Ҳамтои русаш дар посухи мактуби охир ба онҳо ваъда додааст, ки "аз ҳуқуқи муҳоҷирони кории тоҷик дифоъ хоҳад кард". Аммо чӣ гуна, маълум нест.

Ӯ гуфт, нашри навориҳои зиёди муҳоҷирон дар шабакаҳои иҷтимоӣ дар бораи нақзи ҳуқуқашон сабаб шуд, ки вай ба ҳамтои руси худ дархост фиристода, аз ҳуқуқи муҳоҷирони тоҷик ҳимоят кунад.

Бояд гуфт, Бобозода моҳи октябри соли 2024 бо ирсоли як нома ба ҳамтои русаш Татяна Москалкова аз поймолшавии ҳуқуқи муҳоҷирони тоҷик дар Русия изҳори нигаронӣ карда буд. Ӯ дар ин нома аз Татяна Москалкова хоста буд, ки ба нақзи ҳуқуқи муҳоҷирони тоҷик аз ҷониби мақомоти Русия таваҷҷӯҳ кунад ва ин масъаларо зери назорат гирад.



# ҲУКМИ АБАД...

Эълони ҳукми гумонбарони ҳамла ба мошини раиси ҲХДТ дар Кӯлоб



**Нуҳ гумонбар дар инфиҷори мошини Салим Сайвализода, раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон (ҲХДТ) дар шаҳри Кӯлоб аз панҷ сол то ба ҳабси абад маҳкум шудаанд. Дар ин бора Ҳамзаалӣ Мусофиров, прокурори минтақаи Кӯлоб рӯзи 28-уми январ зимни нишасти матбуотӣ хабар дод.**

Гуфта мешавад, ки ҳукми суд нисбати Бахтиёр Маҷидзода, Наврӯзҷон Одинаев, Курбоналӣ Воҳидов, Аслам Олтиев, Акмал Шерматов, Саидмаҳмуд Шоев, Ҳоким Имомов, Насим Ашӯров ва Холисамо Раҳимова дар пайванд ба ҳамла ба мошини раиси ҲХДТ дар Кӯлоб, ки моҳи январи соли гузашта рух дода буд, содир шудааст.

Аз ин миён Бахтиёр Маҷидзода ва Аслам Олтиев ҳукми абад гирифтаанд. Ягона зан дар ин парванда Холисамо Раҳимова 5 сол равонаи зиндон шуд, вале бинобар кӯдаки хурдсол доштан, дар озодӣ қарор дорад.

Ёдовар мешавем, ки рӯзи 5-уми январи соли 2024 дар деҳаи Тӯдакафш мошини хидматии Салим Сайвализода дар назди хонааш таркида, дар натиҷа ӯ ҷароҳат бардошт. Мақомот аз маҳали ҳодиса “боқимондаи моводи худсохти тарканда” пайдо кардаанд.

# БОЗДОШТИ МАРДИ 57-СОЛА БО ГУМОНИ ҚАЛЛОБӢ



**Дар Душанбе як марди сокини 57-солаи ноҳияи Ёвон Сироҷ Қурбонов бо гумони даст доштан дар содир намудани як силсила ҷиноятҳои марбут ба қаллобӣ боздошт шуд. Ӯ ба шаҳрвандон ба маблағи зиёда аз 1 млн сомонӣ зарар расонидааст.**

Ба иттилои Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе, зимни санҷиш муайян гардидааст, ки номбурда қаблан 5 маротиба бо ҷурми қаллобӣ маҳкум шудааст.

“Айни замон 12 ҳолати ҷинояти қаллобии номбурда муайян карда шуда, ба шаҳрвандон зиёда аз як миллион сомонӣ зарар расонидааст”,- омадааст дар хабари Раёсат.

Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе аз шаҳрвандон хоҳиш кардааст, ки агар аз Сироҷ Қурбонов зарар дида бошанд, тавассути рақамҳои (+992) 018-02-02-02 ба Раёсат муроҷиат намоянд.

## Аз нишастҳои матбуотӣ



**Фаъолияти лоиҳаи “Шаҳри бехатар” дар Хуҷанд аз моҳи апрел оғоз мешавад. Раиси шаҳр Фирдавс Шарифзода рӯзи 28-уми январ дар нишасти хабарӣ гуфт, ки 90%-и корҳои ин лоиҳа ба анҷом расидааст.**

Ёдовар мешавем, ки ин тарҳ бо маблағи 20 млн доллари ИМА аз сӯи як ширкати чинӣ татбиқ мешавад. Чунин дурбинҳо алакай дар шаҳрҳои Душанбеву Хоруғ насб шудаанд. Ҳадаф аз татбиқи ин лоиҳа назорати ҳаракати нақлиёт, пешгирии садамаву қонунвайронкуниҳо ва ҳодисаҳои нохуш арзёбӣ мешавад.



**Соли 2024 дар натиҷаи 48 ҳодисаи нохуш дар корхонаҳои саноатӣ ва кӯҳкории Тоҷикистон 30 нафар ба ҳалокат расида, 26 каси дигар ҷароҳат бардоштаанд. Дар пайи ин ҳодисаҳо 27 мансабдор, 5 шахси воқеӣ ва 7 шахси ҳуқуқӣ ба ҷавобгарӣ кашида шуда, 1,8 млн ҷарима шудаанд.**

Дар ин бора Раҳим Санъат Асо, сардори Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкорӣ зимни нишасти хабарӣ иттилоъ дод. Ӯ сабаби асосии ҳодисаҳои нохушро бемасъулиятии муҳандисони техникӣ ва риоя нагардидани қоидаҳои бехатарии саноатӣ дар рафти кор арзёбӣ намуд.




**Дар Хатлон барои таъхир дар пешниҳоди ҳисоботи оморӣ ва маълумоти нодуруст 423 шахси мутасаддӣ ҷарима шудаанд. Дар байни онҳо 160 роҳбари корхона ва хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошанд.**

Қурбон Ҳакимзода, сардори Агентии омор дар вилояти Хатлон дар нишасти хабарӣ гуфт, ки ҷаримаи шахсони масъул дар соли 2024 зиёд шудааст. “Мақсади мо ҷарима кардани тамоми ташкилоту идораҳо нест. Мо гурӯҳи корӣ дорем, ки миёни кормандони муассисаҳо семинару корҳои омӯзишӣ мегузаронанд, то ҳисоботҳо дуруст ва бе хато пешниҳод карда шаванд”,- гуфт номбурда.



# МОҲӢ ФАРБЕҲИРО ПЕШГИРӢ МЕКУНАД

**Гӯшти моҳӣ ба рӯйхати ғизои парҳезӣ дохил мешавад. Имрӯзҳо, ки фарбеҳшавӣ дар ҷаҳон масъалаи доғ аст, истеъмоли моҳӣ барои кам гардидани вазни бадан мусоидат менамояд.**

Гӯшти моҳӣ дар таркибаш сафеда, аминокислота, йод, фтор, калтсий, марганес, синк, селен, оҳан, магний, фосфор, бром, витаминҳои A, D, F, E, C, PP ва дигар ғизоҳои фоидаовари табиӣ дорад, ки сабаби расогии ақл, пешрафти зеҳн, беҳтар шудани биноии чашм гардида, пешгирикунандаи хушкии пӯст мебошад. Ин витаминҳо ба зебо нигоҳ доштани зоҳир ва солимиву дарозумрии инсон мусоидат менамоянд. Ба гуфтаи табибон, гӯшти моҳӣ ҳуҷайраҳои пӯсти чеҳраро ҷавон ва зебову таранг нигоҳ медорад. Он тамоми касалиҳои меъда ва фарбеҳшавиро пешгирӣ менамояд.

Дар илми тиб исбот шудааст, ки моҳӣ масунияти (иммунитети) баданро боло мебардорад, хусусан тухми моҳӣ (икра) барои пешгирӣ ва ҳатто барои табобати касалиҳои қанд, гурда ва фарбеҳшавии бемеъёр айни муддао буда, боиси мустаҳкамшавии мушакҳои дил мегардад.

Тавре мутахассисон изҳор медоранд, кислотаҳои равғании Омега-3, ки дар таркиби моҳӣ мавҷуд ҳастанд, саломатии дил ва майнаро нигоҳ медоранд. Организми инсон тавоноии ҳосилкунии Омега-3-ро надорад, барои ин ҳам мо бояд онро аз ғизо дарёфт намоем. Ҳамзамон гӯшти моҳӣ нисбат ба гӯшти гов ва паранда зуд ҳазм шуда, организм онро тезтар аз худ менамояд.

Хӯрдани гӯшти моҳӣ кори мағзи сарро беҳтар ва ҳангоми пирӣ хотираи инсонро мустаҳкам менамояд. Коршиносон иброз медоранд, ки ба ғайр аз гӯшти моҳӣ, инчунин устухони он давои беназир буда, дар таркибаш калтсий, калий ва витамини А хеле фаровон мебошад. Кӯфтаи устухони моҳӣ барои нест намудани ҳуҷайраҳои саратон ёрӣ мерасонад. Инчунин маълум гардид, ки гӯшт ва устухони моҳӣ аз ҳама муҳим ба иллатҳои вобаста ба майнаи сар, аз ҷумла саръ (эпилепсия) фоида дошта, ҳамзамон барои пешгирии касалиҳои сироятшавандаи вирусӣ ва зуком давои беҳамто мебошанд.

# ДУ РОҲИ ПЕШГИРӢ АЗ ЗУКОМ



1. Дорчин (корица) таъсири пурқуввати бактериявӣ дорад. Ваннаи гарм бо якчанд қошуқи дорчин беҳтарин доруи пешгирикунанда барои зуком аст, зеро он ба зудӣ бактерияҳоро несту нобуд месозад.

Кас дар як рӯз се маротиба як қошуқ асалро бо чоряк қошуқ дорчин омехта карда, нӯши ҷон созад, ба зудӣ аз сулфа, рафтани оби бинӣ ва дигар аломатҳои зуком халос мешавад.

2. Ҳангоми зуком чизе, ки беш аз ҳама касро асабонӣ месозад, ин рафтани оби бинӣ мебошад. Барои халосӣ аз оби бинӣ аз кардамон истифода баред. Йогҳои машҳур касалиҳои бар асари шамолкашӣ пайдошударо маҳз бо чойи кардамон табобат мекунанд, зеро он таъсири хеле хуб дошта, касро ба зудӣ аз оби бинӣ халос мекунад. Кардамон луоби зиёдатиро аз синусҳои бинӣ ва бронхоҳо-шуш хориҷ намуда, шахси ба зуком гирифтор шударо аз оби бинӣ ва сулфа раҳоӣ мебахшад.

Умедворем, ки аз давоҳои номбаршуда истифода бурда, саломатии худ ва фарзандонатонро дар фасли зимистон муҳофизат мекунед.



# ДОРУИ УМРДАРОЗӢ

**Олимони Чин давоми 30 сол тадқиқот гузаронида, ба хулосае омадаанд, ки чойнӯшӣ умри инсонро дароз мекунад. Дар тадқиқот ҳазорон нафар ихтиёриён ширкат варзида, натиҷаи он собит намудааст, ки дӯстдорони чой нисбат ба шахсоне, ки ошиқи қаҳва ва нӯшокиҳои газнок мебошанд, камтар ба бемориҳои дил ва рагҳои хунгарди он гирифтор шуда, умри дарозтар мебинанд.**

Натиҷаи ин тадқиқот дар маҷаллаи European Journal of Preventive Cardiology нашр шудааст. Тадқиқоти мазкур дар доираи лоиҳаи China-PAR (Prediction for atherosclerotic cardiovascular disease risk in China) ҳанӯз соли 1998 оғоз ёфта, мақсад аз он муайян намудани омилҳои хатарноке мебошад, ки боиси рушди бемориҳои дил ва рагҳои хунгарди он мегарданд.

Дар тадқиқот 100 902 нафар ширкат варзидаанд, ки ба бемориҳои дил, инфаркт, инсулт ва саратон гирифтор набуданд. Олимон онҳоро ба 2 гурӯҳ ҷудо кардаанд: онҳое, ки пайваста чой менӯшанд ва онҳое, ки бештар қаҳваю обҳои газнок нӯшида, танҳо ягон-ягон чой менӯшиданд.

Дар рафти татқиқот маълум шуд, ки одамони пайваста чой менӯшида ба бемориҳои хатарок, аз қабили инсулт, инфаркт ва саратон хеле кам гирифтор мешаванд ва умри дарозтар мебинанд. Шумораи одамони дарозумр дар байни чойдӯстон назар ба ошиқони қаҳва 13% бештар будааст.

Хоҳед, ки солим бошед ва умри дароз бинед, ба чойи қаҳва ва обҳои газнок чой нӯшед!

## Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Нисбати атрофиён сабру таҳаммулро пеша намоед ва сахт асабӣ нашавед. Ҳафта барои вохӯриҳои гуворо созгор аст, вале дар бораи камбудиҳои дигарон ва ғалатҳои ошиқона лаб во накунед. Дар ҷойи кор дар нуқтаи назари худ истодагарӣ мекунед, вале дар ин ҷода боэҳтиёт бошед.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Ҳафта барои муносибатҳои ошиқона созгор аст. Нафарони муҷаррадро лозим аст, ки ба табассум ва хушгӯиҳои нафаре таваҷҷуҳ зоҳир намоянд. Хушгӯӣ ва таваҷҷуҳи шумо сабаби пайдо намудани шиносҳои нав мегардад.



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Аввали ҳафта якрангу дилгиркунанда меояд, вале баъдан ҳодисаҳо суръат мегиранд. Баъзе овозаҳои нав ҳаёти якмароми шуморо тағйир медиҳанд. Нуқтаи назари шумо барои ҳама муҳим мегардад, аз ин рӯ, барои маслиҳату дастгирӣ омода бошед.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Рӯзҳои хуш фаро мерасанд. Ҳаёти шахсиятон рангу бӯйи тоза пайдо мекунад. Эҳсос мекунед, ки ҳама кор имконпазир аст. Табъатон болидаву табассуматон тасхиркунанда мегардад. Сафарҳо гуворо ва ҳатто харидҳоятон бобарор мешаванд.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Ҳафта барои рӯбучини хона, пухтупаз ва дигар корҳое, ки бо оилаву хонавода алоқамандӣ доранд, созгор аст. Дар масъалаҳои молиявӣ аз таваккал кардан эҳтиёт шавед, ба ғайбату бӯҳтони ҳамсояҳо дода нашавед. Аз мушкили одӣ воҳима насозед ва асабонӣ нашавед.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Табъатон хушу болидарух мегардед. Ҳафта барои вохӯриҳои корӣ ва масъалаҳои молиявӣ созгор аст. Хонаву дари худро ба тартиб овардану харид кардан мехоҳед. Мутаассифона, на ҳама тартибу низоми шуморо риоя кардан мехоҳанд.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Агар сабру тамҳаммулро пеша намоед, ҳама корро дар вақташ иҷро карда метавонед. Саломатӣ имкон медиҳад, ки ба душвориҳои дар тӯли ҳафта ба саратон омада пуртоқат бошед. Истироҳат карда, аз хоб сер кунед ва аз асабоният худдорӣ намоед.



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

Дар ин ҳафта дӯстон нақшаҳоятонро дастгирӣ мекунанд. Муносибати ҳамкорон нисбати шумо хуб аст, аз ин рӯ, худатон сабабгори баҳсу мунокиша нашавед. Дар муносибатҳои ошиқона каме ташвишу мушкилӣ пайдо мешавад. Аз собиқ дӯстдоштаатон худро канор гиред.



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Дар касбу кор ташвишатон зиёд мешавад. Талабу дархостҳои нафареро бо душворӣ иҷро менамоед. Сабур бошед, бо шарофати нақшаҳои олӣ тамоми мушкилиҳоро рафъ месозед. Дар масъалаҳои ошиқона ба садои қалб гӯш андозед, вале аз сафари якҷоя худдорӣ намоед.



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Аввали ҳафта корҳоятон бомаром ҷараён мегиранд. Ташвишу мушкилиҳое, ки ба сари ҳамкоронатон меоянд, ба шумо асар намерасонанд. Бо вуҷуди бобарор будани ҳафта мушкилоти оилавиро ба таъхир нагузоред, вагарна рӯзҳои истироҳат бекор намемонед.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

Дар ин ҳафта аз пайи рафъ намудани корҳои нотамоме шуданатон лозим аст, ки кайҳо боз фаромӯш карда будед. Дар рафъ намудани кори мушкиле муваффақ мегардед. Дар ҳаёти шахсӣ аз пештара бештар ташвишу кунҷкобӣ зоҳир менамоед.



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Дар ин ҳафта бо нафарони даркорӣ ва воломақом муносибати хуб ба роҳ мемонед, вале вазъият тавре сурат мегирад, ки баъзе корҳои муҳимро ба таъхир гузоштанатон лозим меояд. Аз ин лиҳоз, дар уҳдадориҳои худ тартиботро назорат намоед.

# ФИЛМНОМАИ НОМАЪЛУМИ САЙФ РАҲИМЗОДИ АФАРДӢ

**Ба қавле, як филмнома навиштам. Онро гармогарм ба назди устод Саъдулло Раҳимов (шодравон он давра сарвари студияи “Кинои тоҷик”-ро бар уҳда доштанд) бурдам. Устод навиштаро сар то по хонданд. Баъди баёни чанд эроди хеш аз ҷевон навиштаеро ба пешам гузошта, гуфтанд: «Филмнома бояд ана ин тавр навишта шавад!».**

Бар саҳифаи аввали филмнома чашмам андаке таваққуф кард: «Говнома ё худ қиссаи гови фурӯхташуда». Муаллиф: Сайф Раҳимзод.

Филмномаро ба шавқ хондам, хеле писандам гашт. Дар тӯли ду рӯз онро нуқта ба нуқта рӯбардор кардам ва то имрӯз гаштаву баргашта мехонам. Ҳар боре, ки аз нав мехонам, паҳлуҳои тозаи он бароям кушуда мегарданд.

Дар филмнома воқеа чунин сурат мегирад: марде солхӯрда ҳамроҳи писараш як субҳи дурӯғин охирин гови дӯшоиро ба бозор баровардани мешаванд. Хонаи мӯсафед дар баландии болои шаҳр воқеъ асту бозор бошад, дар адоғи шаҳр. Роҳи бозор бошад, аз миёни шаҳр мегузашт. Мӯсафед пеш-пеш, гов дар қафо ва дар қафои гови саркаш писарбача дар кӯчаи мумфарш қадам мезананд. Мӯсафед говро аз шохбандаш кашола дораду писарбача бошад, вақти саркашӣ онро аз қафо бо химча мезанад. Устод Сайф Раҳимзод манзараи дар кӯчаҳои шаҳр қадам задани мӯсафед, писарбача ва говро барчаста ба тасвир кашидааст.



Вақти аз назди бозори сабзавоту дӯкони гӯшт гузаштани онҳо шишаҳои ниматорики мағозаи холӣ симояшонро мунъакис мекунад. Эшон ба ин чиз заррае эътибор намедиҳанд. Аммо нигоранда гаштаву баргашта ҳушдор медиҳад, ки нигоҳи тамошобин рӯи ин манзара сарсарӣ нагузарад.

Падару писар баъди кашокашиҳои зиёд говро дар бозор фурӯхта, хаставу беҳол ба хона мерасанд. Мӯсафед шохбандро ба дасти завчааш медиҳад. Завчааш ресмонро ба сӯи шохи дарахти рӯи ҳавлӣ ҳаво медиҳад. Нӯки ҳалқадори шохбанд дар шохи дарахт чун ҳалқаи дор овезон мемонад. Чашмони зану шавҳар якбора ба ин манзара афтода, вуҷуди ҳардуро ин лаҳза андаке эҳсоси тарсу ҳарос фаро мегирад.

Дуруст, ин навишта сар то по маънитоҳи заминӣ дорад. Яъне, устод Сайф Раҳимзод рӯзгори оддии мардум, расму оини он ва кашокашиҳои бозори ҷорворо хуб ба қалам додааст. Аммо ин ҳама воқеа дар қафои худ маъниҳои ниҳонӣ низ дорад. Бузургии ҳунари устод низ дар баёни ҳамин маъниҳои ниҳонист.

Худ таваҷҷӯҳ кунед: вақте ки акси мӯсафед, писараш ва гов дар шишаи ниматорики мағозаи холӣ меафтад, онҳо ба ин заррае эътибор намедиҳанд. Ва ҳамин шиша, яъне, оина оинаи худшиносист. Оинае, ки хеле хира асту акси касро базӯр нишон медиҳад. Оинаи худшиносии кадом ашхосе, ки хира гаштааст, ӯ бегуфтугӯ, охирин ганҷинаи худро ба бозор баровarda мефурӯшад. Ва ҳамин беандеша фурӯхтанҳо касро метавонад ба дами нестӣ бубарад. Ресмоне, ки шакли ҳалқаи дорро гирифтааст, ишораест бар он. Шахсе, ки ҳисси худшиносии миллӣ надорад, барои ӯ хазинаи миллат чун як мушт хас аст. Мавҷудияти чунин ашхосе буд, ки тири ноҳаққаш устод Сайф Раҳимзод барин родмардони миллатро аз байн бурд. Бале, устод Сайф Раҳимзод аз байн рафту филмномааш ба навор ногирифта монд. Филмномае, ки метавонист фарҳанги ғании миллати тоҷикро бар ҷаҳониён боз бештар ошно созад.

**Ҳамроҳи АВЛИЁПУР**

# АСОСГУЗОРИ ДРАМАТУРГИЯИ КӮДАК

**24-уми январ дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон бахшида ба 90-солагии адиби бачагон Наримон Бақозода маҳфили адабӣ баргузор шуд.**

Дар ҳамоиш муовини раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Ато Мирхоҷа, адибон Азизи Азиз, Абдурахмони Абдуманон, Бахтиёр Муртазоев, Ҷӯра Ҳошимӣ, Софияи Носир, Тӯрахон Аҳмадхонов ва дигарон иштироку суханронӣ карданд.

Зикр гардид, ки Наримон Бақозода умре танҳо барои кӯдакон эҷод карда, осорашро дар жанрҳои шеър, достон, чистон, тезгӯяк, либретто, суруд, афсона, ҳикоя, ҳаҷвия, фелетон, нақиза ва ғайра эҷод карда, ба таҳияи филмҳои ҳунарӣ ва навиштани асарҳои саҳнавӣ ҳам машғул шудааст.

Адиби кӯдакон Азизи Азиз гуфт, ки Наримон Бақозода аз зумраи адибоне аст, ки дар офаридани ҳамаи анвоъи асар барои бачагон муваффақ буд.

«Асарҳои устод Бақозода зуд ба дили бачаҳо роҳ меёбанд. Ҳамин аст, ки то имрӯз кӯдакон бо шавқ онҳоро мутолиа мекунанд. Дар озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» иштирокчие нест, ки 4-5 асари устодро аз ёд накарда бошад»,- гуфт номбурда.

Тавре коргардон ва драматурги тоҷик Тӯрахон Аҳмадхонов зикр кард, Наримон Бақозода яке аз аввалин адибони



тоҷик буд, ки ба драматургияи бачагона даст зад. «Песаи Наримон Бақозода «Бахтатро бедор кун!»-ро солҳои 80-ум вақте дар Театри ба номи Лоҳутӣ ба саҳна гузоштем, хеле машҳур шуд. Театр бо ин асар ба тамоми ҷумҳурӣ сафар кард. Ҳатто бисёриҳо баъди тамошои ин намоиш номи фарзандонашонро Бахтовар гузоштанд»,- гуфт Тӯрахон Аҳмадхонов.

Дар ин ҳамоиш зикр шуд, ки соли равон бахшида ба 90-солагии Наримон Бақозода китоби шеърҳо, маҷмӯаи мақолаву ёддоштҳои муҳаққиқону адибон нашр хоҳад шуд.

Ёдовар мешавем, ки Наримон Бақозода дар шаҳри Самарқанд, дар оилаи Абулато Бақозода, рӯзноманигори маъруфи «Овози тоҷик» зода шудааст. Замони тифлии шоир дар Самарқанд, дар гаҳвораи тамаддуни тоҷикон гузаштааст. Факултети таърихи филологияи УДТ ба номи В. И. Ленинро хатм кардааст (1960). Ходими адабӣ, мудири шуъбаи рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» (1960-1967), мудири шуъбаи адабиёти бачагон ва наврасони Нашриёти давлатии «Ирфон» (1967-1970) будааст. Дар мактаби кинодраматургии назди Киностудияи «Тоҷикфилм» таҳсил карда, сардабири шуъбаи филмҳои ҳуҷҷатии «Тоҷикфилм», сармуҳаррири Комитети давлатии Тоҷикистон оид ба кинематография (1970-1974) будааст. Баъдан ба ҳайси котиби масъули маҷаллаи «Машъал» (1974-1979), муовини аввали раиси Комитети Тоҷикистнии муҳофизати сулҳ ва мудири Тоҷикистонии Хазинаи сулҳ (1974-2003) фаъолият намудааст. Аз соли 2003 то охири умр ба корҳои эҷодӣ машғул буд.

Барои кӯдакону наврасон як силсила шеъру достон офаридааст, ки дар маҷмӯаҳои «Гулдара» (1969), «Шеърҳо, афсонаҳо, чистонҳо» (1971), «Сурнайчӣ» (1975), «Оши халол» (1978), «Чӣ хуш аст?» (1983), «Дафтари мо - кони панҷ» (1985) ва ғайра фароҳам омадаанд.

Наримон Бақозода рӯҳу равони кӯдаконро мефаҳмид, ба завқашон муносиб рафтор менамуд. Асарҳое меофарид, ки завқи кӯдакони синни томактабӣ ва хурди мактабхонро ангехта тавонанд.

Ба забони русӣ маҷмӯаҳои Наримон Бақозода «Хандаляк» (1969), «Ишь ты, озорной» (1974), «Что всегда слаще?» (1990), ба забони ӯзбекӣ маҷмӯаи шеърҳои «Гулсара» (1979) ба табъ расидаанд.

## МАВЛУДНОМА

**30 ЯНВАР**

**Сафар Абдулло** (1955), 70-солагии зодрӯзи адабиётшинос, профессор.

**Усмонҷон Ғаффоров** (1945), 80-солагии зодрӯзи муаррих, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Абдухолиқ Набиев** (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаипедагогика.

**Марат Юмагулов** (1955), 70-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**31 ЯНВАР**

**Масъуд Анваров** (1935), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Шариф Муҳаммадёр** (1950), 75-солагии зодрӯзи шоир.

**Борис Пшеничний** (1935-1997), 90-солагии зодрӯзи нависанда, журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Ҷаббор Ҷалилов** (1935-1990), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи ҳуқуқ.

**1 ФЕВРАЛ**

**Хайрулло Абдуллоев** (1930-2008), 95-солагии зодрӯзи оҳангсоз, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.

**Холматҷон Аминҷонов** (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**Олим Тулобоев** (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология.

**Турсун Усмон** (1940), 85-солагии зодрӯзи шоир.

**2 ФЕВРАЛ**

**Хадича Боирова** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Субҳонқул Камолиддинов** (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Юрий Обрубов** (1950), 75-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Нуриддин Салимов** (1940-2002), 85-солагии зодрӯзи файласуф, профессор.

**Гулхоҷа Ҷангибеков** (1950), 75-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**3 ФЕВРАЛ**

**Маҳмадсаид Аҳмадов** (1955), 70-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Лариса Кевятковская** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Ҳаитбой Мирҳайдаров** (1945), 80-солагии зодрӯзи адабиётшинос, профессор.

**Евгений Пометун** (1935), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**4 ФЕВРАЛ**

**Қодиршои Одина** (1950), 75-солагии зодрӯзи шоир.

**Исломи Оқил** (1945), 80-солагии зодрӯзи шоир.

**Всеволод Шевченко** (1905-1948), 120-солагии зодрӯзи киноактёр ва кинооператор, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**5 ФЕВРАЛ**

**Маҳмудҷон Ӯлмасов** (1950), 75-солагии зодрӯзи файласуф.

**Сайдулло Ҷӯраев** (1930-1990), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд? ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

► Шиносномаи техникии бинои нуқтаи савдо ба номи Шарипова Гулизор Комиловна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи М. Турсунзода, бинои 45/1, соли 2023, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи бино тахти фехристи №2/6н/2023/-1-185, аз 19.06.2023, ба номи Шарипова Гулизор Комиловна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи М. Турсунзода, бинои 45/1, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии н. И. Сомонӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №93505, соли 2023, ба номи Шарипова Гулизор Комиловна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. М. Турсунзода, бинои 45/1, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии бинои таҳхона ба номи Шарипова Гулизор Комиловна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи М. Турсунзода, бинои 45/1, соли 2023, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №93480, соли 2023 ба номи Шарипова Гулизор Комиловна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, кӯчаи М. Турсунзода, бинои 45/1, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи таҳхона тахти фехристи №2/6н/2023/-1-186, аз 19.06.2023, ба номи Шарипова Гулизор Комиловна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, кӯчаи М. Турсунзода, бинои 45/1, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии н. И. Сомонӣ ба расмият даровarda шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №0142791, рақами қайд №8910, ба номи Илёсов Исломиддин Саидмудинович, ки соли 2020 аз Коллеҷи сохтмонии ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Зардаков Баҳридин Исмонович, РМА: 075424372, ки дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Ҳасанова Сабрина Олимҷоновна, бо суроғаи ш. Душанбе. н. Сино, кӯчаи С. Шерозӣ, хонаи 15, ҳ. 40, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии бӯстонсарой, рақами инвентарӣ №183937, ба номи Азизова Нодира Мусиновна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Деҳқонобод 1, хонаи 20, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Сафаров Ашур, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Исмоили Сомонӣ, к. Захматобод 657, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 АБ №110182 ба номи Ахмедова Шаҳзода Ҳидоятовна, ки соли 2002 аз МТМУ №96-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, A05518611, ба номи Надирова Шахноза Хайёмовна, ки санаи 05.08.2024 аз ШВКД-2 ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Маълумотнома оид ба маъюбият (справка об инвалидности), силсила "1", №0229140, ба номи Одинаева Малика Асрориддиновна, ки санаи 31.01.2017 аз ВТЭК дода шудааст, аз сабаби кухна шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Тешаев Ҳикматулло, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Восточные холма, квартал 6, уч. 57, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ Ҷалолзода Фуркат, РЯМ: 0730238126, РМА: 046905408, аз санаи 16.02.2024, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

- Biodiversity Finance Analyst, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 23330/National Personnel Services Agreement/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 10 February 2025, 23:59 New York time.

- Project Administrative Associate (Roster), Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 23664/National Personnel Services Agreement/NPSA-7); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 14 February 2025, 23:59 New York time

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

► Мухри гумшуда ба номи ҶДММ "Дараи Алмосӣ", РМА: 020037751, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

**БАРҲАМ МЕХӮРАД**

► ҶДММ "Лаъли Бадахшон", №0291444, РЯМ: 7410001170, РМА: 740002425, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Шириши Аҳлиддин", №0269568, РЯМ: 0410043783, РМА: 040066445, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Марҷонаи Зебо", №0269391, РЯМ: 0310023313, РМА: 030035235, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Сафарализода Абдурахмон", №0309223, РЯМ: 0310025999, РМА: 030037994, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Муҳаммадҷони Илҳом", РЯМ: 0710011583, РМА: 0700018630, ки аз 26.11.2022 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии «Зардакшо», РМА: 330007620, РЯМ: 3310005096, ноҳияи Ҷ. Балхӣ, барҳам мехӯрад.

**НИЁЗ ДОРЕМ**

► Ба ронанда - экспедитор, менеҷер оид ба фурӯши нӯшокиҳо ниёз дорем. Синни то 30-сола. Тел.: 900-013-013, 907-68-99-99

ҶОМИ ОСИЁ

# ҲАРИФОНИ ДАСТАИ МУНТАХАБИ ТОҶИКИСТОН (U-17) МАЪЛУМ ШУДАНД

**Рақибони дастаи мунтахаби наврасони то 17-солаи Тоҷикистон дар қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2025, ки аз 3 то 20-уми апрел дар Арабистони Саудӣ баргузор мешавад, маълум шуданд.**

Дастаи мунтахаби наврасони Тоҷикистон (U-17) дар гурӯҳи "D" бо дастаҳои мунтахаби Эрон, Уммон ва Курияи Шимолӣ бозӣ мекунад. Дар гурӯҳи "A" Арабистони Саудӣ, Ӯзбекистон, Тайланд, Чин, дар гурӯҳи "B" Ҷопон, Австралия Ветнам, Аморати Арабӣ, дар гурӯҳи "C" Курияи Ҷанубӣ, Яман, Афғонистон, Индонезӣ ҷой гирифтанд.

Баъди анҷоми марҳилаи гурӯҳӣ аз хар гурӯҳ ду тими беҳтарин ба даври чорякниҳоии Ҷоми Осиё-2025 роҳ меёбанд.



Дастаҳои даври чорякниҳоӣ соҳиби роҳхати Чемпионати ҷаҳон-2025 миёни наврасон, ки аз 5 то 27-уми ноябр дар Қатар баргузор мешавад, хоҳанд шуд.

Наврасони Тоҷикистон (U-17) таҳти роҳбарии Марко Раҷинӣ дар доираи омодагӣ ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2025 дар «Ҷоми рушд-2025», ки аз 16 то 21-уми феврал дар Минск баргузор мешавад, ширкат мекунанд. Дар ин мусобиқа хашт даста иштирок мекунанд. Дастаи наврасони Тоҷикистон (U-17) дар гурӯҳи «B» бо дастаҳои Русия (16-уми феврал), Эрон (17-уми феврал) ва Қазоқистон (19-уми феврал) бозӣ мекунад. Дар гурӯҳи «A» дастаҳои наврасони Беларус, Ӯзбекистон, Озарбойҷон ва тими Академияи «Blockchain Sports»-и Бразилия нерусанҷӣ мекунанд.

ШАТРАНҶ

# МАВҚЕИ ТОҶИКИСТОН ДАР РЕЙТИНГИ FIDE



**Федератсияи байналмилалии шатранҷ (FIDE) рейтинги нави шатранҷбозонро нашр кард. Дар маҷмӯъ, дар ин рӯйхат ҳудуди 60 намоянда аз Тоҷикистон шомиланд.**

Рейтинги шатранҷбозони тими миллии Тоҷикистонро Мустафохоҷа Хусейнхоҷаев сарварӣ мекунад. Вай дар ҳисоби худ 2382 имтиёз дорад. Дар ҷойи дуюм Муҳаммад Хусейнхоҷаев бо 2350 имтиёз аст ва Илҳоми Ҷалолиддин бо 2336 имтиёз дар ҷойи сеюм қарор дорад.

Қаблан пешсафи доимии ин рӯйхат устоди шатранҷ Фаррух Амонатов буд, вале холо аз рейтинги бозигарони фаъол берун рафтааст, зеро ахиран шатранҷбоз ба кори мураббӣ тамаркуз кардааст.

Дар байни занон Надежда Антонова бо 2039 имтиёз якум, Саодат Одинаева бо 1912 имтиёз дуюм ва Рухшона Саидова бо 1896 имтиёз сеюм ҳастанд.

Дастаи мардонаи Тоҷикистон бо 2247 имтиёз дар раддабандӣ дар ҷойи 92-юм аст. Пешсафи рейтинг тими Русия бо 2739 имтиёз, дар ҷойи дуюм тими ИМА (2715) ва дар ҷойи севум Чин (2705) қарор доранд. Дастаи занонаи Тоҷикистон бо 1587 имтиёз дар ҷойи 105-ум қарор дорад. Чин бо 2488 имтиёз дар ҷойи аввал, Русия дар ҷойи дуюм (2483) ва Ҳиндустон дар ҷойи сеюм (2404) ҳастанд.

ГРЭППЛИНГ

# МЕДАЛИ ТИЛЛОИ ПИСАРИ ҶОНИБЕК МУРОДОВ ДАР ИМА

**Нуруллоҳ Муродов, писари 17-солаи Ҷонибек Муродов, овозхони шинохтаи тоҷик ва набераи Ҷурабек Муродов, Ҳунарманди халқии Тоҷикистон дар мусобиқаи грэпплинг дар штати Невадаи Амрико ҷои аввалро соҳиб шуда, медали тилло ба даст овард.**

Ӯ пас аз ин пирӯзӣ барои ширкат ба даври баъдии мусобиқа, ки дар тамоми Амрико мегузарад, роҳхат гирифт.

Дар ин бора пайвандони Нуруллоҳ Муродов ба "Азия-Плюс" хабар дода, гуфтанд, ки ӯ ба солаш нигоҳ накарда, дар мусобиқаи калонсолон ширкат кард.

Ба гуфтаи манбаъ, Нуруллоҳ як ҳарифи



худро мағлуб кард ва ду варзишгари дигар, ки мебоист бо ӯ ҳанарнамоӣ кунанд, аз кувваозмоӣ даст кашидаанд. Ҳамин тавр, ӯ ғолиб омад ва ба давраи дигари мусобиқа, ки дар сатҳи тамоми ИМА мегузарад, роҳ ёфт.

Бояд гуфт, Грэпплинг як намуди варзиши размӣ аст, ки дар худ техникаи ҳамаи намудҳои куштиро муттаҳид кардааст. Ин варзиш бидуни зарба бо пой ё даст анҷом мешавад ва дар он усулҳои ба замин задани ҳариф, водор кардани ӯ ба таслим шудан ва нигаҳ доштани рақибу маҳдуд кардани ҳаракатҳои ӯ истифода мешаванд.

КУРАШ

# ЧЕМПИОНАТИ ДУЮМИ ТОҶИКИСТОН БО ШИРКАТИ БЕШ АЗ 230 ВАРЗИШГАР



**Рӯзҳои 25 ва 26-уми январ дар Душанбе Чемпионати дуюми кураши Тоҷикистон баргузор шуд, ки дар он беш аз 230 варзишгар дар ҳафт вазн бо ҳам рақобат карданд.**

Ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқа аз ҷониби Федератсияи кураши Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маблағҳои пулӣ дар ҳаҷми 150 000 ҳазор сомонӣ сарфароз гардонида шуданд.

Дар вазни то 73 кг Наврӯз Каримзод сазовори медали тилло, Мирзоҷамил Рамазонов соҳиби медали нукра ва Сайраҳмон Қодиров ва Алӣ Бокиев сазовори медалҳои биринҷӣ шуданд. Дар вазни то 81 кг Муҳаммадшариф Начмиддинов медали тилло, Қоим Шукронов медали нукра, Абдуллоҳ Лоиқов ва Саидраҳмон Шоев медалҳои биринҷӣ ба даст оварданд. Дар вазни то 90 кг Ҳамроз Раҷабов медали тилло, Туйчибек Шарипов медали нукра ва Мусо Ғаниев ва Зафар Олимшоев медалҳои биринҷро ба гардан овехтанд. Дар вазни то 100 кг Улуғбек Раҳимов соҳиби медали тилло, Исроил Раҳимов соҳиби медали нукра, Акмал Муродов ва Мухсин Маллаев соҳиби медалҳои биринҷӣ шуданд. Дар вазни +100 кг Шарифҷон Назриев медали тилло, Фирдавс Насимов медали нукра, Зиёратшоҳи Рустам ва Саймумин Шохмамадов медалҳои биринҷӣ гирифтанд.

Ҳамчунин, байни дастаҳои мунтахаби панҷ кишвар - Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Ҳиндустон ва Федератсияи Русия рақобатҳои дӯстонаи даставӣ баргузор шуданд. Дар ин рақобатҳо дастаи мунтахаби Тоҷикистон сазовори ду медали тилло гардид.

РЕЗААХБОР



Аввали моҳи феврал дар Загреб мусобиқаи бузурги рейтингии байналмилалии куштии озод, юнониву румӣ ва занонаи «Zagreb Open» баргузор мешавад. Намояндаи дастаи мунтахаби Тоҷикистон Виктор Рассадин ба ин мусобиқот номнавис шудааст. Виктор дар вазни то 70 кило, ки дар рӯйхат 12 нафар ширкат доранд, рақобат хоҳад кард. Рассадин дар Бозиҳои олимпии Порис ҷойи панҷумро гирифта буд.

***

- Ҳамлагари тими миллии Ӯзбекистон Хусайн Норчаев метавонад фаъолияти худро дар клуби «Брага»-и Португалия идома диҳад,- хабар медиҳад "Фарғона". Ба навиштаи нашрия, ҳамлагари 23-сола очилан дастаи мунтахаби Ӯзбекистонро дар Қатар тарк карда, ба Тошканд баргаштааст, то раводид дарёфт кунаду ба Португалия барои муоинаи тиббӣ парвоз намояд, зеро равзанаи интиқол рӯзи 3-юми феврал баста мешавад.

***

Дар даври 12-уми Суперлигаи футзали Тоҷикистон дастаи «Соро компания» пирӯзии 10-уми худро ба даст овард. Дастаи «Сомон» буд, ки бо ҳисоби 0:2 аз «Соро» шикаст хӯрд. Ҳоло "Соро компания" бо 30 имтиёз дар ҷойи якум аст. «Истаравшан» дар меҳмонӣ ба дарвозаи «Регар» 8 гол зад. Соҳибони майдон як гол заданд. «Истиқлол» ба дарвозаи «Пойтахт» 6 голи беҷавоб зад. Дар бозии «Амонатбонк» ва «Хуҷанд» ҳисоби 7:5 бар нафъи бонкдорон ба қайд гирифта шуд.

***

1-уми феврал дар Арабистони Саудӣ мусобиқаи UFC баргузор мешавад, ки дар он ду варзишгари вазни сабук - Муҳаммад Наимови тоҷикистонӣ ва Каан Офли австралиягӣ вомехӯранд. Мусобиқаи UFC Fight Night 250 дар Риёз дар маҷмааи Kingdom Arena баргузор мешавад. Корти муқаддамотии UFC Fight Night 250 6 набард ва корти асосӣ низ 6 набард дорад. Размикорон аз Нигерия, Фаронса, Русия, Англия, Суринам, Бразилия, Тоҷикистон, Австралия, Баҳрайн, ИМА, Дания, Австрия, Миср ҳастанд.




## ЗАБОН

Зане назди духтур барои муоина меравад. Духтур мегўяд:

- Дил, шуш, гурда ва меъдаи шумо солим аст. Ҳоло биг-зоред ҷоеро муоина кунам, ки фитна ба олам зада ва дунёро ба оташ кашонидааст.

Зан ҳамин, ки домани худро боло мекунад, духтур мегўяд:

- Чӣ кор мекунед? Ман забонатонро дар назар дорам.

## УМЕДВОРӢ

Омўзгор ба донишҷўён мегўяд:

- Умедворам, ки дар имтиҳони имрўза рўбардор кардани шуморо намебинам.

Донишҷўён дар ҷавоб:

- Мо ҳам умедворем, устод.

## МОНАНДӢ

Марде ба дўсташ мегўяд:

- Маро аксаран ба Худо баробар мекунанд.

Дўсташ ҳайрон шуда:

- Девона шудаӣ, чаро чунин мегўӣ?

Мард мегўяд:

- Охир, ба кучое наравам, ҳама бо як овоз мегўянд, ки Худоё... боз ту омадӣ?

## НАРКОЗ

Табиб аз бемор мепурсад:

- Бемор, худатонро чӣ хел ҳис мекунед?

Бемор мегўяд:

- Ҳоло хубам, вале баъди ҷарроҳӣ гумон мекардам, ки ба сарам бо хишт зада бошанд.

Табиб мегўяд:

- Бубахшед бемор, наркоз надоштем.

## ҶЕНТЕЛМЕН

Ду ҷентелмен бо ҳам вомехўранд. Якеаш мепурсад:

- Ҷаноб, шумо рўзи ҷумъа ба театр рафта будед?

Мард дафтарчаашро аз киса баровардa, ба он нигариста, мегўяд:

- Бале, будам...

Марди аввала боз мепурсад:

- Ҷаноб, шумо бо завҷаи ман будед?

Мард боз ба дафтарчааш нигариста:

- Бале, бо вай будам.

Мард боз мегўяд:

- Ҷаноб, ин ба ман маъқул нест!

Мард ба дафтарчааш нигариста:

- Ба ман ҳам маъқул нашуд...

## ВОЙДОД

Марде зан мегираду чанд сол соҳиби фарзанд намешаванд. Баъди даҳ соли зиндагии якҷоя занаш писар таваллуд мекунад. Мард аз хурсандӣ писарашро Худойдод ном мекунад. Баъдан пайи ҳам боз соҳиби чор писари дигар мешаванду ҳамаашонро Худойдод ном мениҳад. Дафъаи шашум зани мард боз писар мезояд ва аз шавҳараш мепурсад:

- Мардак, ин писарамонро чӣ ном мекунем?

Мард дар ҷавоб мегўяд:

- Номашро Войдод мегузорем.

Таҳияи
**Н. РАҶАБОВА**

## ҚАРЗ

- Ман ба ту охирин бор мегўям: Кай қарзи маро медиҳӣ?!!...

- Хайрият, ки охирин бор, набошад безор кардӣ аз гуфтана...

## ОТАШХОМЎШКУНӢ

Коргареро бо сару аъзои сўхтагӣ ба беморхона оварданд. Духтур баъди муоинаи бадани бемор ба ў гуфт:

- Дар бадани шумо аз сўхтагӣ дида узвҳои шикаста бисёр аст.

Бемор гуфт:

- Охир, оташро бо бел куштанд, лаънатиҳо!

## МЕҲРУБОНӢ

Дар зодрўзаш баъди рафтани меҳмонҳо модар ба ошхона рафт, то табақу косаро бишўяд. Духтари меҳрубонаш гуфт:

- Очаҷон, ман намехоҳам, ки ту дар зодрўзат кор кунӣ. Табақу косаро мон, пагоҳ мешўӣ.

## ИМТИҲОН

- Дар баъзе ҳолатҳо хомўш истодан нишонаи хирадмандист. Инро худатон гуфта будед, устод.

- Ин на он ҳолат аст. Ба саволҳои билет ҷавоб деҳ!...

## ДУЗДӢ

- Ту бе дуздӣ рўз гузаронида метавонӣ?

- Намедонам, насанҷидаам...

## ШУКР

Баъзе занҳое ҳастанд, ки бо ғуруру ифтихор худашонро таъриф карда мегўянд:

- Ман яктоям. Мисли ман дар дунё нест.

Ба афту андом ва хислату рафтори онҳо нигоҳ карда, аз дилат мегузаронӣ: "Худоро шукр!".

## РОҲИ ТАВАЛЛУДХОНА

Дар истгоҳ мунтазири мусофирбар будам. Ду духтари ҳавобаланд омада, нописандона бо забони русӣ пурсиданд:

- Как можно попасть в роддом?

Бо тоҷикӣ гуфтам:

- Духтарони нағз, барои ба таваллудхона афтодан шавҳар кардан лозим аст.

Ранҷиданд. Носазо гуфтанду рафтанд...

## ЭЪЛОН

Бачаҳо! Мехоҳед, ки духтарон ба пешвозатон давида биёянд ва аз қафоятон ҳам даванд?

Мехоҳед, ки шуморо дар ҳама гуна ҳавои хубу бад бетоқатона интизорӣ кашанд?

Пас, ба корхонаи нақлиёти мусофирбарӣ муроҷиат кунед!

Он ҷо ронандаи автобус лозим аст...

## НАРКОЗ

- Бемор, ба шумо кадом навъи наркозро диҳем?

- Аз ҳама арзонтаринашро.

- Аллае, аллае, аллаё...

**Хайрулло БАСРИДДИНОВ**

## Сканворд

